ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# АРЗЁБӢ, ИДОРАКУНӢ ВА РУШДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ

## Барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ



МОДУЛИ
5

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 5

# АРЗЁБӢ, ИДОРАКУНӢ ВА РУШДИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ

**Модули таълимӣ барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-1 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттиб:** Ғуломносир Қурбонов

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

| | |
|---|---|
| Б. Муҳиддинзода, | сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон |
| Т. Турдиев, | мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Модули мазкур дар асоси Стратегияи рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи  то соли 2030 ва Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия шуда, иштирокчиёнро бо усулҳои амалии арзёбии муҳити таълими муассисаи таълимӣ, пурсишу мушоҳида, мусоҳиба ва таҳлил шинос месозад.

Дар раванди омӯзиш иштирокчиён чӣ гуна муайян кардани тарафҳои заиф ва қавии муҳити таълимро омӯхта, қадамҳои беҳбудсозиро тавассути тағйироти хурд, тарҳрезии муштарак ва ташаббусҳои ҷамоаи мактабӣ таҳия менамоянд. Таҷҳизонидан ва идоракунии муҳити физикии муасссиаи таълимӣ  барои таъмини вазифавӣ, бехатарӣ ва кушодагии муҳит дар маркази таваҷҷуҳи омӯзиш қарор дорад.

# Мундариҷа


Пешгуфтор ………………………………………………………...…………………. 4

1. Воситаҳои ташхиси муҳити таълим: пурсишнома, харитаҳои мушоҳида, мусоҳиба ва таҳлилҳо........................................................................................ 5

2. Таҳлили тарафҳои мусбат ва манфии муҳити муассисаи таълимӣ ………………... 21

3. Тартиби беҳсозӣ: тағйироти хурд, тарҳрезии гурӯҳӣ, ташаббусҳои муассисавӣ .... 35

4. Идоракунии таъмини мақсаднок, бехатар ва кушоди муҳити физикии муассиса .. 46

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 65

## ПЕШГУФТОР

Ташкили муҳити таълимии бехатар, мақсаднок ва илҳомбахш аз вазифаҳои асосӣ барои ҳар як директори муассисаи таълимӣ мебошад. Аз вазъи муҳити муассисаи таълимӣ, ҳам ҷиҳати физикӣ ва ҳам иҷтимоӣ, сифати таълим, оромии равонии хонандагон ва ҷалб шудани омӯзгорон вобастагии махсус дорад.

Дар давраи рушди стратегии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 эҳтиёҷ ба воситаҳои амалӣ ва самараноки арзёбӣ ва такмил додани муҳити таълим ба таври системавӣ ба миён меояд.

Модули пешниҳодшаванда барои директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҳия шудааст ва ба ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, пеш аз ҳама ба ташаккули фаҳмиши равандҳои арзёбӣ, идора ва рушди муҳити таълим аз ҷониби директорон бо дарназардошти амалияи воқеӣ ба шумор меравад.

Дар модул мавзуъҳои зерин мавриди баррасӣ қарор мегиранд:

- Воситаҳои ташхис: пурсиш, харитаҳои мушоҳида, мусоҳибаҳо ва таҳлили маълумот ҳамчун идомаи равиши системавӣ;
- Таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи муҳити муассисаи таълимӣ ҳамчун асос барои қабули қарорҳои идоракунии муосир;
- Тартиби беҳсозӣ аз тағйироти хурд ва ташаббусҳои воқеӣ то тарҳрезии дастаҷамъӣ ва мутобиқгардонии ғояҳои муассиса дар банақшагирии стратегӣ;
- Идоракунии таъмини мақсаднок, бехатар ва кушоди муҳити физикии муассиса.

Модул унсурҳои таҳлил, лоиҳакашӣ ва идоракуниро муттаҳид намуда, барои тағйироти устувор дар муҳити муассисаи таълимӣ замина фароҳам месозад. Модули мазкур на танҳо маҳоратҳои роҳбаронро дар бахши ташхис ва банақшагирӣ баланд мебардорад, балки ба рушди фарҳанги иштирок ва масъулият дар байни ҷомеаи муассиса мусоидат мекунад.

Умед дорем, ки омӯзиши мавод дар фаъолияти ҳаррӯзаи директорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ муфид буда, ба инкишофи муҳити таълими фарогир, шаффоф ва рушдкунанда мусоидат менамояд.

# МАВЗУИ 1

## Воситаҳои ташхиси муҳити таълим: пурсишнома, харитаҳои мушоҳида, мусоҳиба ва таҳлилҳо

**Чиро донистан муҳим аст:**

- Мафҳум ва унсурҳои муҳити таълим (физикӣ, иҷтимоӣ, равонӣ)
- Нақши ташхис дар идоракунии сифати муҳити таълим
- Принсипҳои истифодаи самараноки воситаҳои арзёбӣ

**Чиро бояд тавонем:**

- Истифодаи воситаҳои ташхис: пурсишҳо, харитаҳои мушоҳида, мусоҳиба, таҳлили маълумот
- Арзёбии тарафҳои қавӣ ва заифи муҳити муассисаи таълим
- Тарҳрезии тадбирҳо барои беҳсозӣ: тағйироти хурд, лоиҳаҳои ҷамъиятӣ, ташаббусҳо
- Идоракунии муҳити физикии муассисаи таълимӣ - банақшагирӣ, таъмини амният, мақсаднок
- Ҷалб кардани ҷомеаи муассиса ба раванди арзёбӣ ва такмили муҳити таълимӣ

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Кадом унсурҳои муҳити таълим барои рушди хонандагон аҳамияти бештар доранд?
- Чӣ гуна интихоб ва мутобиқ кардани воситаҳои ташхис ба вазифаи муассисаи таълимӣ имконпазир аст?
- Чӣ гуна мувозинатро байни талаботи меъёрӣ ва воқеиятҳои муассисаи таълимӣ таъмин кардан мумкин аст?
- Кадом ҷанбаҳои муҳити физикӣ ба бароҳатӣ ва ҳавасмандкунии хонандагон таъсир мерасонанд?
- Кадом монеаҳо ба беҳсозии устувори муҳити таълим халал мерасонанд ва чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Истифода воситаҳои ташхис барои арзёбии вазъи муҳити таълим ва муайян кардани ниёзҳои воқеии муассисаи таълимӣ.
2. Таҳлили тарафҳои мусбат ва манфии муҳити муассисаи таълимӣ бо мақсади муайянсозии афзалиятҳо барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва банақшагирии тағйирот.
3. Тарҳрезӣ ва татбиқи чораҳо барои беҳтар намудани муҳити таълимӣ тавассути дастгирии давлат, лоиҳаҳои муштарак ва ташаббусҳои муассиса.
4. Идоракунии самараноки муҳити физикии муассисаи таълимӣ бо мақсади таъмини амният, вазифавӣ, дастрасӣ ва мутобиқат ба ниёзҳои хонандагону омӯзгорон.

## Муқаддима

**Муҳити таълим** ҳамчун маҷмуи шароите ба шумор меравад, ки дар он равандҳои таълиму тарбия ва рушди шахсият амалӣ мегарданд. Он муҳити физикии муассисаи таълимӣ, фазои иҷтимоӣ, равандҳои ташкилӣ ва оромии равонии ҳамаи иштирокчиёнро дар бар мегирад. Муҳити босифат на танҳо ба муваффақияти академии хонандагон мусоидат мекунад, балки фарҳанги ҳамкорӣ, фарогирӣ ва навовариро ташаккул медиҳад.

Дар шароити муосир, вақте ки муассисаҳои таълимӣ ба рушди устувор мекӯшанд, зарурати равиши системавӣ дар арзёбӣ ва идоракунии муҳити муассисаи таълимӣ ба миён меояд.

Мавзуи мазкур усулҳои асосии арзёбии муҳити таълимро дар бар мегирад, аз ҷумла: пурсишнома, мушоҳида ва мусоҳибаҳо; равишҳо барои таҳлили тарафҳои мусбат ва манфӣ; инчунин механизмҳои стратегӣ ва амалии тағйирот аз қадамҳои хурд то тарҳрезии дастаҷамъӣ.

Ба идоракунии муҳити физикии муассисаи таълимӣ мебояд аҳамияти махсус дода шавад, зеро он ҳамчун захира ба таъмини амният, ангезиш ва кушодагии раванди таълим таъсир мерасонад.

Омӯхтани мавзуи мазкур ба роҳбарони муассисаҳои таълимӣ кумак мекунад, то самаранокии идоракуниро баланд бардошта, шароити мусоид ва рушдкунандаро барои таълим фароҳам ва тағйироти устуворро мутобиқи талабот ва ниёзҳои ҷомеаи муассиса татбиқ намоянд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Ташхис** — раванди ҷамъоварӣ, таҳлил ва шарҳи мақсадноки маълумот барои муайян кардани вазъи кунунии муҳити таълим, муайянсозии тарафҳои мусбат ва мушкилот, инчунин омодасозии қарорҳои идоракунӣ мебошад.

**Арзёбии муҳити таълим** — раванди таҳлили шароити таълим, аз ҷумла ҷанбаҳои физикӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ бо ҳадафи муайян намудани паҳлуҳои қавию заиф ва қабули қарорҳо барои такмил додани он аст.

**Пурсишномаҳо** — имкон медиҳанд, ки фикри хонандагон, омӯзгорон ва падару модарро дар бораи бароҳатӣ, амният, фарогирӣ ва ҷанбаи ангезишии муҳит муайян кунанд. Ин як воситаи хударзёбӣ ва таҳлили сатҳи қаноатмандӣ аз шароити таълим мебошад.

**Харитаҳои мушоҳида** — барои сабти зуҳуроти воқеии рафтор, ҳамкорӣ ва ташкили фазо истифода мешаванд. Онҳо барои таҳлили визуалӣ ва сохтормандонаи минтақаҳои таълим, иқлими иҷтимоӣ ва динамикаи дарсҳо ё танаффусҳо корбаст мегарданд.

**Мусоҳибаҳо** — усули амиқи омӯзиши дарки муҳити муассисаи таълимӣ аз ҷониби иштирокчиёни раванд.

**Таҳлил** — дарбаргирандаи коркард ва шарҳи маълумоти ҷамъшуда буда, метавонад таҳлили миқдории пурсишҳо, муқоисаи мушоҳидаҳо, муайянсозии нақшҳо ва шаклҳои тасвири маълумот барои қабули қарорҳоро дар бар гирад.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Фаҳмидани аҳамияти муҳити таълимӣ ва таъсири он ба сифати таҳсил.
2. Истифодаи воситаҳои асосии ташхис барои арзёбии шароити муассисаи таълимӣ.
3. Тарҳрезии чораҳои амалӣ барои беҳтарсозии муҳит бо иштироки дастаи муассиса.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Чӣ чизро шумо алакай дар бораи ташхиси муҳити таълим медонед?**

A. Равандест барои таҳлили шароити омӯзиш
B. Усули арзёбии пешрафти хонандагон аст
C. Роҳи идоракунии буҷаи муассиса аст
D. Равандест барои таҳияи барномаҳои таълимӣ

**2. Дуруст ё нодуруст:**

Таҳлил (аналитика) барои муайян кардани маълумоти статистикии ҳолати муҳити таълимӣ истифода мешавад.
A. Дуруст
B. Нодуруст

**3. Маҷмуи воситаҳои ташхисро интихоб намоед:**

**Пурсиш:**
A. Ҷамъоварии андешаҳо ва баҳогузории иштирокчиёни раванди таълим
B. Таҳлили муҳити физикии муассиса
C. Сабти рафтор ва амалҳо дар лаҳзаҳои воқеӣ
D. Муайян кардани маълумоти миқдорӣ



### ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 5.1-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 5.1. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.1**

*«Муҳити таълим» — ҷамъе аз таъсир ва шароитҳои ташаккули шахсият тибқи намунаи муайян, инчунин имкониятҳо барои рушди он дар иҳотаи муҳити иҷтимоӣ ва фазоӣ – предметии мавҷудбуда мебошад»*
**В.А. Ясвин**

**Ташхиси муҳити таълим** имкон медиҳад, ки шароити таълим баҳогузорӣ гардад ва омилҳое, ки ба сифати раванди таълим таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд.

Иштирокчиён усулҳои калидии ташхисро аз худ мекунанд. Ба монанди: пурсишномаҳо барои таҳлили дарк ва ниёзҳои хонандагону омӯзгорон, харитаҳои мушоҳида барои сабти равиши воқеии таълим, мусоҳибаҳо барои омӯзиши амиқи андешаҳои иштирокчиён ва усулҳои таҳлил барои муайян кардани тартиби қонуниятҳо ва ғайра.

Омӯзиши муҳити таълим ба роҳбарони муассиса имкон медиҳад, ки ҳадафҳои худро таҳлил кунанд ва талошҳо барои расидан ба онҳо баҳогузорӣ шавад, инчунин татбиқи барномаи рушди муассиса таъмин гарданд. Пешниҳоди натиҷаҳои баҳогузории муҳити таълим имконият медиҳад, ки маълумоти объективӣ дар бораи муассисаи таълимӣ ба даст ояд.

Муҳити самарабахши таълим шароити таълими босифат, рушди касбии омӯзгорон ва ҳамкории тамоми иштирокчиёни раванди таълимро фароҳам месозад.

## 1. Усули таҳқиқи муҳити таълим

### 1.1. Усули ташхиси муҳити таълим (муаллиф В.А. Ясвин)[1]

Барои ташхиси муҳити таълим зарур аст, ки тавсифи расмии нишондиҳандаҳои мутобиқшаванда таҳия карда шаванд. Онҳо аз панҷ нишондиҳандаи «асосӣ»: **фарогирӣ**, **зудҳаракатӣ**, **шакли таъсир**, **дараҷаи дарк**, **устуворӣ ва** инчунин аз шаш нишондиҳандаи «дараҷаи дуюм» иборатанд: **ҳиссиёт**, **умумият**, **устувории/тағйирнопазирии ақида**, **ҳамоҳанг (муштарак)**, **муътақид** ва **фаъол**. Ҳар як қисмат аз ченакҳо иборат аст ва ҳар бузургиҳо аз нишондиҳандаҳо таркиб меёбад.

Барои намуна, ду қисм аз методикаи ташхиси муҳити таълими В.А. Ясвинро меорем.

**Фарогирии муҳити таълимӣ** муайян мекунад, ки то чӣ андоза муҳити **фарогир ва гуногунҷабҳа** буда, нишон медиҳад, ки кадом субъектҳо, обектҳо, равандҳо ва зуҳурот ба ин муҳит дохиланд.

| | | |
|---|---|---|
| **Холи умумӣ** | | |
| **Фоизи таъсир** | | |
| 1. ***Саёҳатҳои маҳаллӣ (пиёда, бо нақлиёти шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ)*** | | |
| 1.1 Саёҳатҳо амалӣ намешаванд | | 0 |
| 1.2 Барои ҳама хонандагон нест | | 0.2 |
| 1.3 Ҳар хонанда як маротиба дар сол иштирок мекунад | | 0.5 |
| 1.4 Ҳар хонанда на камтар аз ду маротиба дар сол иштирок мекунад | | 0.7 |
| 1.5 Саёҳатҳо ҳамчун қисми ҷудонашавандаи раванди таълим | | 1.25 |
| 1.6 Дигар вариантҳо (0.1 то 1.25) | | — |
| ***2. Сафарҳо*** | | |
| 2.1 Қариб ки нест | | 0 |
| 2.2 На барои ҳамаи хонандагон | | 0.2 |
| 2.3 Ҳар хонанда як маротиба дар сол иштирок мекунад | | 0.5 |
| 2.4 Ҳар хонанда ду маротиба ё бештар иштирок мекунад | | 0.7 |
| 2.5 Сафарҳо ба дигар шаҳрҳо ҳамчун қисми таълим | | 1.25 |
| 2.6 Дигар вариантҳо (0.1 то 1.25) | | — |
| ***3. Табодули таҷриба бо дигар омӯзгорон*** | | |
| 3.1 Табодул вуҷуд надорад | | 0 |
| 3.2 Табодули яквақта, лаҳзавӣ | | 0.1 |
| 3.3 Имкони кор дар дигар муассисаҳо (таҷрибаомӯзӣ) | | 0.3 |
| 3.4 Омӯзгорон аз муассисаҳои дигар доимӣ кор мекунанд | | 0.7 |
| 3.5 Барномаи табодули доимӣ бо муассисаҳои дохилӣ/хориҷӣ | | 1.25 |
| 3.6 Дигар вариантҳо (0.1 то 1.25) | | — |
| ***4. Табодули таҷриба ва дониши хонандагон*** | | |
| 4.1 Табодул вуҷуд надорад | | 0 |

[1] **Ясвин В.А.** Школьная среда как предмет измерения: экспертиза, проектирование, управление / В.А. Ясвин. — М.: Народное образование, 2019. — 448

| | |
|---|---|
| 4.2 Табодули яквақта, лаҳзавӣ | 0.1 |
| 4.3 Қабули системавии хонандагон аз дигар муассисаҳо | 0.3 |
| 4.4 Имкони таҳсили муваққатӣ дар дигар муассисаҳо | 0.7 |
| 4.5 Барномаи табодули доимӣ бо муассисаҳои дохилӣ/хориҷӣ | 1.25 |
| 4.6 Дигар вариантҳо (0.1 то 1.25) | — |

**Зудҳаракатии муҳити таълим**

**Зудҳаракатии муҳити таълим -** хусусияти сохторию мунтазам мебошад, ки дараҷаи пурмазмун будани муҳити таълимро аз лиҳози шароит, таъсир ва имкониятҳо, инчунин дараҷаи тамаркузи зуҳури онҳоро нишон медиҳад.

| | | |
|---|---|---|
| **Холи умумӣ** | | |
| **Фоизи таъсир** | | |
| | ***1. Дараҷаи талабот ба хонандагон*** | |
| 1.1 | Ба донишҳои хонандагон талаботи паст гузошта мешавад (саломатии ноустувор, педагогикаи заиф ва ғ.) | 0 |
| 1.2 | Талабот ба дониш, одатан, аз меъёри стандарти давлатӣ намегузарад | 0,5 |
| 1.3 | Ба баъзе хонандагон талабот аз меъёри стандарт зиёдтар аст | 1 |
| 1.4 | Ба ҳамаи хонандагон талаботи баланд гузошта мешавад | 2 |
| 1.5 | Равандҳои таълимии баъзе фанҳо бо барномаҳои тақвиятёфта (барномаҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ғ.) гузаронида мешаванд | 2,5 |
| 1.6 | Варианти дигар (аз 0,1 то 2,5 хол) | — |
| | ***2. Шакл ва методҳои фаъол*** | |
| 2.1 | Усулҳои анъанавӣ бартарӣ доранд — такрори маводи тайёри таълимӣ | 0 |
| 2.2 | Баъзе омӯзгорон дар баъзе дарсҳо шаклҳои интерактивӣ (диалог, тренинг, бозӣ) истифода мебаранд | 0,5 |
| 2.3 | Аксар омӯзгорон кӯшиш мекунанд шаклҳои интерактивиро истифода кунанд | 1 |
| 2.4 | Дастаи омӯзгорон афзалияти усулҳои интерактивиро расман эълон кардааст | 1,5 |
| 2.5 | Шаклҳои интерактивӣ асосианд; мутахассисон мунтазам омӯзиш барои омӯзгорон мегузаронанд | 2,5 |
| 2.6 | Варианти дигар (аз 0,1 то 2,5 хол) | — |
| | ***3. Масруфияти таълимии хонандагон*** | |
| 3.1 | Дарсҳо ғайрифаъоланд; хонандагон беҳавсала, дилгир ва ба корҳои бефоида машғуланд | 0 |
| 3.2 | Дарсҳо фаъоланд; вазифаҳои хонагӣ кам; хонандагон пас аз дарс аз муассиса мераванд | 1 |
| 3.3 | Хонандагон баъди дарс бо машваратҳои факултативӣ ё дигар курсҳо машғул мешаванд; вазифаҳо каму зиёданд | 1,5 |
| 3.4 | Хонандагон бо курсҳои иловагӣ ва вазифаҳои зиёд дар муассиса мемонанд | 2 |
| 3.5 | Тамоми вақти хонанда бо раванди таълим алоқаманд аст (масалан, интернатҳои махсус) | 2,5 |
| 3.6 | Варианти дигар (аз 0,1 то 2,5 хол) | — |

**Нишондиҳандаҳо мувофиқи ҷадвали дар поён овардашуда баҳогузорӣ карда мешаванд.** Сипас, барои ҳар як қисм холҳо ҷамъ карда мешаванд (ҷамъ набояд аз 10 хол зиёд бошад) ва дар сатри «Холи ниҳоӣ» навишта мешаванд. Баъдан, бо истифодаи коэффисиентҳои таъсир, фоизи мутобиқ барои ҳар нишондиҳанда муайян карда мешавад.

**Муайян кардани навъи шахсияти кӯдак** ба воситаи муқоисаи натиҷаҳои ташхиси пешазмеъёрӣ ё дар муқоиса бо **натиҷаҳои қаблӣ** анҷом дода мешавад.

**Хондани мустақил бо истифодаи методи ИНСЕРТ: ✓** — маълумот шинос аст, маълумот бо донишҳои мавҷуда мухолиф аст, **+** — маълумоти нав**?** — саволҳо пайдо шуданд ё нофаҳмӣ вуҷуд дорад

**1.2. Ташхиси педагогии муҳити мактабӣ дар асоси маҷмӯи бузургиҳои микдории В. А. Ясвин**

**Фарогирӣ**, **зудҳаракатӣ**, **намуди таъсир**, **дараҷаи дарк** ва **устуворӣ**. Инчунин шаш нишондиҳандаи «дараҷаи дуюм»: **ҳиссиёт**, **умумият**, **бартарияти ақида**, **ҳамоҳанг (муштарак)**, **муътақид** ва **фаъол**. Ҳар як қисмат аз бузургиҳо иборат аст

| № | Нишондиҳандаҳо | Мундарича (тафсир) |
|---|---|---|
| 1 | **Фарогирии муҳити таълим** | Хусусияти миқдорӣ ва мундариҷавӣ нишон медиҳад, ки кадом субъект, объект, раванд ва падидаҳо ба муҳити таълим дохил мешаванд:<br>1. Саёҳатҳо<br>2. Сафарҳо<br>3. Табодули омӯзгорон<br>4. Табодули хонандагон<br>5. Фарогирии базаи моддӣ<br>6. Меҳмонон<br>7. Имкони интихоби муҳитҳои хурди таълим |
| 2 | **Сермаҳсулии (пурмазмунии) муҳити таълим** | Хусусияти сохторӣ, ки дараҷаи пурагии (пурмазмунии) муҳитро бо шароит, таъсир ва имкониятҳо, инчунин зуҳури онҳоро нишон медиҳад:<br>1. Сатҳи талабот<br>2. Шакл ва усулҳои ҳамфаъол<br>3. Сарбории таълимии хонандагон<br>4. Ташкили истироҳати фаъол<br>5. Усулҳои омӯзиши фаъол |
| 3 | **Ҳаракатпазирӣ, тағйирёбандагӣ ва мутобиқшавии муҳити таълим** | Фарогирии зудамалӣ ва тағйирёбии унсурҳои муҳит:<br>1. Навсозии ҳадаф ва мундарича<br>2. Таҷдиди усулҳои таълим<br>3. Таъмини кадрҳо<br>4. Таҷдиди воситаҳои таълим |
| 4 | **Дараҷаи дарки муҳити таълим** | Дараҷаи мутобиқшавии субъектҳои таълим дар муҳит:<br>1. Огоҳии умумӣ аз муассиса<br>2. Унсурҳои намоён, ҳувият**,** шинохташавӣ ва ҳамбастагӣ<br>3. Шаклгирии дарки муассиса<br>4. Алоқа бо хатмкунандагон<br>5. Фаъолияти кормандон<br>6. Фаъолияти хонандагон<br>7. Фаъолияти волидайн |
| 5 | **Эҳсоси муҳити таълим** | Таносуби эҳсосоти мусбат ва муносибатҳои мантиқӣ дар муҳит:<br>1. Муносибатҳои байни омӯзгорон<br>2. Муносибат бо хонандагон<br>3. Муносибат бо волидайн<br>4. Эҳсосоти фазо ва муҳити моддӣ |
| 6 | **Умумияти муҳити таълимӣ** | Дараҷаи ҳамоҳангсозии амалҳои иштирокчиёни муҳит:<br>1. Гурӯҳи ҳамфикр<br>2. Консепсияи рушд<br>3. Шаклҳои кор бо омӯзгорон |

| | | |
|---|---|---|
| | | 4. Ҷалби хонандагон<br>5. Ҷалби волидайн<br>6. Амалисозии моделҳои таълимии муаллифӣ |
| 7 | **Арзиши муҳити таълим** | Аҳамияти муҳити таълими дар системаи арзишҳои субъектҳо:<br>1. Барои омӯзгорон<br>2. Барои хонандагон<br>3. Барои волидайн |
| 8 | **Ҳамоҳангӣ ва мувофиқатии байни муҳитҳои таълим** | Дараҷаи мувофиқати таъсири муҳити таълим бо муҳитҳои дигари ҳаёт:<br>1. Пайванди муассисаҳои таълимӣ<br>2. Ҳамгироии минтақавӣ<br>3. Ҳамгироии иҷтимоии фарогир |
| 9 | **Неруи созандагии иҷтимоӣ ва тавсеаи муҳити таълимӣ (таъсир ба ҷомеа)** | 1. **Тарғиб кардани дастовардҳо.** Муассиса натиҷаҳои илмӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии худро ба ҷомеа муаррифӣ мекунад.<br>2. **Ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма.** Арзёбӣ дар асоси яке аз се нишондиҳанда: мақолаҳо, барномаҳо, саҳифаҳои интернетӣ ва ғ.<br>3. **Ташаббусҳои иҷтимоии хатмкунандагон.** Арзёбӣ бо яке аз ду нишондиҳанда: хатмкунандагон дар ҷомеа нақши фаъол доранд (шахсони таъсиргузор, сарвар, намунаи ибрат ва ғ.) |
| 10 | **Дараҷаи тартиб ва низом (**мақсадҳо, интизорҳо ва қоидаҳои рафтор) **муҳити таълим Таркиби муҳити таълимӣ** | Низоми раванд ва равшан будани қоидаҳо:<br>1. Возеҳии мақсад ва интизориҳо<br>2. Муайянсозии ҳудуди рафтори қобили қабул<br>3. Алоқаи бараъкс бе нофаҳмӣ<br>4. Равшану боасос будани мукофот ва ҷазо |
| 11 | **Суботи муҳити таълим** | Суботи муҳит дар тӯли вақт муайян мешавад бо:<br>1. Таъсирҳои устувор (+)<br>2. Таъсирҳои заифкунанда (–) |
| 12 | **Амнияти муҳити таълимӣ**<br>**1.** Тақвияти бехатарӣ (амният)<br>**2.** Қоҳиши бехатарӣ (амн) | Сатҳи амният дар муҳити таҳсил:<br>1. Амн аз ҷиноят ва терроризм<br>2. Амн аз садамаи нақлиётӣ<br>3. Муносибатҳои байни хонандагон<br>4. Муносибатҳои хонандагон ва омӯзгорон<br>5. Муносибатҳои омӯзгорон<br>6. Муносибат бо маъмурият<br>7. Муносибат бо сохторҳои маориф ва муҳити иҷтимоӣ |

### *1.3. УСУЛ ВА ВОСИТАҲОИ ДИГАР БАРОИ ТАШХИСИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

Методикаи ташхиси унсурҳои ташкилии муҳити таълим ва ҳолати равонӣ-физиологии хонандагон. Ташхиси сатҳи қаноатмандӣ аз муҳити моддӣ ва ташкили раванди таълим дар муассисаи таълимӣ.

Сатҳи қаноатмандӣ бо истифодаи **усули пурсиш** муайян карда мешавад. Барои хонандагони синфҳои 2–4 **мусоҳибаи шахсӣ бо саволҳои пешакӣ** гузаронида мешавад. Хонандагони синфҳои болоӣ **анкета** пур мекунанд.

**Саволҳо барои мусоҳиба бо хонандагони синфҳои 2–4**

1. Муассисаи ту зебо, тоза ва бароҳат аст?
2. Дар синф (муассиса) ҳама чиз барои дарс мавҷуд аст?
3. Ороиши синфи ту писандат аст?
4. Дар муассиса ғизои хуб дода мешавад?
5. Ҷадвали дарсҳо дар муассиса бароҳат аст?

6. Оё дар вақти дарс хаста мешавӣ?
7. Оё дар дарс дилгир мешавӣ?
8. Дар муассиса имкони истироҳат ҳаст?
9. Дар муассиса корҳо ва фаъолиятҳои шавқовар бисёранд?
10. Оё чунин мешавад, ки дар муассиса намедонӣ бо чӣ машғул шавӣ?

Саволҳои 6, 7 ва 10 бояд ҷавоби «Не» гиранд — агар хонанда «не» гӯяд, **аломат «+» гузошта мешавад**. Саволи 5 низ ҷавоби манфӣ дорад.

**Анкета барои хонандагони синфҳои 5–8**
1. Муассисаи мо тоза, бароҳат ва зебо аст.
2. Дар синфхонаҳо ҳама чиз барои омӯзиш мавҷуд аст.
3. Ташкили ғизодиҳӣ дар муассиса ба ман писанд аст.
4. Ҷадвали дарсҳо бароҳат аст.
5. Ман одатан дар дарсҳо зиёд хаста мешавам.
6. Ҳаҷми вазифаҳои хонагӣ барои ман муътадил аст.
7. Дар муассисаи мо имкони шавқовар гузаронидани вақт ҳаст.
8. Дар муассиса чорабиниҳои гуногун баргузор мешаванд.
9. Дар муассиса ман дилгир намешавам.
10. Ба муассисаи мо намояндагони марказҳо, муассисаҳо, корхонаҳо меоянд ва мо низ саёҳат мекунем.

**Анкета барои хонандагони синфҳои 9–11**
1. Муассисаи мо тоза, бароҳат ва зебо аст.
2. Шароити таълим дар мактаб ба талабот ҷавобгӯ аст.
3. Ташкили ғизо ба ман мувофиқ аст.
4. Ҷадвали дарсҳо барои ман қулай аст.
5. Сарбории таълимӣ муътадил аст ва дар тӯли ҳафта баробар тақсим мешавад.
6. Режими рӯз дар муассиса мураттаб ва хуб фикр шудааст.
7. Ҳаёти муассиса шавқовар ва сермазмун аст.
8. Дар муассиса чорабиниҳои бисёр ва ҷолиб баргузор мешаванд.
9. Имкони шавқовар гузаронидани вақт дар муассиса вуҷуд дорад.
10. Муассиса бо корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои дигар ҳамкорӣ мекунад.

**Арзёбии натиҷаҳо:**
- Ҳар ҷавоби мусбат бо аломати «+» қайд карда мешавад.
- Шумораи аломатҳои «+» ҳисоб карда мешавад:
  - **1–4 ҷавоби мусбат** → сатҳи пасти қаноатмандӣ
  - **5–8 ҷавоби мусбат** → сатҳи миёнаи қаноатмандӣ
  - **9–10 ҷавоби мусбат** → сатҳи баланди қаноатмандӣ

## Анкетаи бароҳатии психофизиологӣ[2]

**Мақсад**: муайян кардани дараҷаи хуб будани ҳолати равонӣ ва физиологӣ. Анкета аз **се қисм** иборат аст:
- Саволҳои 1–7 → ҳолати равонӣ (бароҳат, мусоид ё бероҳат ва номусоид)
- Саволҳои 8–14 → бароҳат мусоид ё бероҳат ва номусоид
- Саволҳои 15–21 → охири анкета барои **муайян кардани ҳолати хоб аст**

## Мундариҷаи анкета

1. Оё пай мебаред, ки вақтҳои охир нисбати пеш тез асабӣ мешавед?
2. Оё вақтҳои охир ҳолатҳое мешуд, ки бе сабаб ашк дар чашмонатон пайдо мешуд?
3. Оё таъна ё эроди номувофиқ шуморо ба зуд аз ҳолати оромӣ берун мебарад?
4. Оё шумо пай мебаред, хотираатон қавӣ нест?
5. Оё вақтҳои охир диққататон заифтар шудааст, диққатро ҷамъ кардан душвор мешавад?

---
[2] Лукьянова М.И., Калинина Н.В. Психолого-педагогические показатели деятельности школы. - М., 2004.

6. Оё садоҳои бегона ва суҳбатҳо ба шумо халал мерасонанд ва иҷозаи бодиққат будан намедиҳанд?
7. Оё маводи навро нисбат ба гузашта мушкилтар дарк мекунед?
8. Оё вақтҳои охир бештар хаста мешавед?
9. Оё иштиҳоятон ахиран бадтар шудааст?
10. Оё шумо сардардро эҳсос мекунед, ки сабабаш маълум аст?
11. Оё баъзан баъд аз изтироб тапиши дилатон шадидтар мешавад?
12. Оё кафҳои дастатон ҳамеша тар ҳастанд?
13. Оё ҳангоми изтироб ҳамеша сурх мешавед?
14. Оё қабл аз чорабинии муҳим дар дастҳо ё тамоми бадан ларзиш ҳис мекунед?
15. Оё вақтҳои охир дар хоб кардан мушкилӣ доред?
16. Оё шабона бедор мешавед ва муддати дароз наметавонед боз хоб кунед?
17. Оё шумо шабона зуд-зуд бедор мешавед?
18. Оё пас аз хоб ҳисси сустӣ, хастагӣ ё вазнинӣ дар сар эҳсос мекунед?
19. Оё садо ё рӯшноии беруна ба шумо барои хоб рафтан халал мерасонанд?
20. Оё шумо зуд-зуд хобҳои ташвишовар мебинед?
21. Оё фикр мекунед, ки сифати хобатон паст аст?

Барои ҳар гурӯҳ натиҷаро чунин арзёбӣ мекунем:

- **1–3 хол** → бероҳат нест
- **4–5 хол** → бероҳатии миёна
- **6–7 хол** → бероҳатии шадид

**Методикаи баҳодиҳии ҷолибияти гурӯҳ (коллективи синф)**

**I. Чӣ гуна ту узвияти худро дар синф баҳогузорӣ мекунӣ?**

- Худро узви синф ҳис мекунам — **5 хол**
- Дар аксар фаъолиятҳо иштирок мекунам — **4 хол**
- Дар баъзе фаъолиятҳо иштирок мекунам — **3 хол**
- Худамро узви синф ҳис намекунам — **2 хол**
- Алоҳида машғул мешавам — **1 хол**
- Намедонам / посух мушкил аст — **1 хол**

**II. Агар имконият мешуд, ба синфи дигар мегузаштӣ?**

- Бале, хеле мехостам — **1 хол**
- Бештар мехостам гузарам — **2 хол**
- Фарқияти ҷиддӣ намебинам — **3 хол**
- Шояд мемондам — **4 хол**
- Мехостам бимонам — **5 хол**
- Ҷавоб додан душвор аст — **1 хол**

**III. Муносибати хонандагон дар синф:**

**А. Дар раванди таълим:**

- Беҳтар аз аксари синфҳо — **3 хол**
- Қариб монанд — **2 хол**
- Бадтар аз дигар синфҳо — **2 хол**
- Намедонам — **1 хол**

**Б. Дар вазъиятҳои номусоид:**

- Беҳтар — **3 хол**
- Монанд — **2 хол**
- Бадтар — **2 хол**
- Намедонам — **2 хол**

**В. Берун аз муассиса:**

- Беҳтар — **3 хол**
- Монанд — **2 хол**
- Бадтар — **1 хол**
- Намедонам — **1 хол**

**IV. Муносибат бо роҳбари синф:**

- Беҳтар — **3 хол**
- Монанд — **2 хол**
- Бадтар — **1 хол**
- Намедонам — **1 хол**

**V. Мавқеият ба таълим ва тарбия дар муассиса:**

- Беҳтар — **3 хол**
- Монанд — **2 хол**
- Бадтар — **1 хол**
- Намедонам — **1 хол**

**Коркард ва тафсири натиҷаҳо**: Барои ҳар як ҷавоб суммаи холҳо ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаи умумӣ дар ҳамаи қисмҳои анкета метавонад аз **7 хол (сатҳи хеле номусоид)** то **25 хол (арзёбии хеле баланди ҷолибияти муҳити таълим)** бошад.

Параметрҳои миёна одатан дар доираи **15 то 17 хол** ҷой доранд.

## *МЕТОДИКАИ ТАҲЛИЛИ ФАВРӢ (ЭКСПРЕСС)-ТАҲҚИҚИ ФАЗОИ ИҶТИМОӢ ВА РАВОНИИ КОЛЛЕКТИВИ ТАЪЛИМӢ*

Бо аломати «+» он хислатеро интихоб намо, ки ба фикри ту хосияти коллективи синфи шумо мебошад.

**Ҷадвали баҳодиҳӣ:**

**+3** — хислати мусбӣ, ки ҳамеша дар коллектив дида мешавад
**+2** — хислати мусбӣ, ки дар аксар ҳолатҳо дида мешавад
**+1** — хислати мусбӣ, ки нисбатан зуд-зуд зуҳур мекунад
**0** —Ҷавоб додан душвор аст, зеро хислатҳои мусбӣ ва манфӣ ба як андоза дида мешаванд
**– 1** — хислати манфӣ, ки зуд-зуд дида мешавад
**– 2** — хислати манфӣ, ки дар аксар ҳолатҳо дида мешавад
**– 3** — хислати манфӣ, ки ҳамеша дар коллектив дида мешавад

**Тафсири натиҷаҳо:**

| **Холҳо** | **Шарҳи натиҷа** |
|---|---|
| **+2 то +3** | Сатҳи баланди мусоиди муҳити иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ дар коллективи синфӣ |
| **0 то +2** | Сатҳи миёнаи мусоиди муҳити иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ |
| **–1 то 0** | Сатҳи нокифояи мусоиди муҳити иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ |
| **–3 то –1** | Муҳити иҷтимоӣ ва эмотсионалии номусоид дар коллективи синфӣ |

**Ҷадвали арзёбии хислатҳои иҷтимоӣ-эмосионалӣ муҳити синф**

| **№** | **Хусусиятҳои мусбӣ** | **+3** | **+2** | **+1** | **0** | **-1** | **-2** | **-3** | **Хусусиятҳои манфӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Забони нармгуфторӣ ва руҳбаландкунанада | | | | | | | | Ҳолати афсурдагӣ ва ғамгин |
| 2 | Муносибати неку дӯстона | | | | | | | | Низоъ дар муошират |
| 3 | Муносибати мусбат байни писарону духтарон | | | | | | | | Низоъ байни писарону духтарон |
| 4 | Хонандагон мехоҳанд якҷоя бошанд ва дар фаъолиятҳои гурӯҳӣ иштирок кунанд | | | | | | | | Бетарафӣ ва рад кардани муошират |
| 5 | Ҳамдардӣ ва ғамхорӣ нисбат ба муваффақият/нокомии дигарон | | | | | | | | Ҳасад ва шодию муваффақияти дигарон |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 6 | Ҳамкорӣ ва дастгирии байни аъзоёни синф | | | | | | | | Берахмӣ ва рақобати нохуб байни хонандагон |
| 7 | Ҳисси ҳамбастагӣ ва ҳис кардани «ҷузъе аз гурӯҳ будан» | | | | | | | | Ҷудоӣ ва канорагирии иҷтимоӣ |
| 8 | Муносибати мусбат бо омӯзгорон ва роҳбари синф | | | | | | | | Низоъ ё дуршавӣ аз омӯзгорон |
| 9 | Шавқ ва иштироки фаъол дар корҳои муассисаи таълимӣ | | | | | | | | Бетарафӣ ва рад кардани фаъолиятҳои муассисаи таълимӣ |
| 10 | Муносибати мусбат ва корӣ бо гурӯҳ дар ҳолатҳои душвор | | | | | | | | Ташаннуҷ ва нотавонӣ дар ҳолатҳои мураккаб |
| 11 | Муҳити синф руҳбаланд, дастгирикунанда, ҷалбкунанда | | | | | | | | Муҳити фишоровар, тарснок, хомӯш |
| 12 | Шавқ ва фаъолият дар берун аз муассиса (лоиҳаҳо, иқдомҳо) | | | | | | | | Канорагирӣ ва набудани иштироки иҷтимоӣ |

***Хониш бо усули ИНСЕРТ***

**1.1. Ҷадвали муфассал — харитаи мушоҳидаҳо барои ташхиси муҳити таълим**

| Дараҷа | Меъёрҳои мушоҳида | Мисол | Арзёбӣ (1–5) | Шарҳ / Тавсия |
|---|---|---|---|---|
| **1. Муошири омӯзгор ва хонанда** | Муоширати эҳтиромона ва фазои мусбат | Пуштибонии андешаҳо, танқиди созанда | | |
| | Муайян кардани хусусиятҳои инфиродии хонандагон | Супоришҳои фардигардонидашуда | | |
| | Гуногунии шаклҳои кор | Лоиҳаҳои гурӯҳӣ, мубоҳиса, методи кейс | | |
| **2. Сифати мазмуни таълим** | Маводди таълимӣ мувофиқ ба талаботи замон | Кейси замонавӣ, мисолҳои воқеӣ | | |
| | Пайванд бо мисолҳои амалӣ ва ҳаётӣ | Ихтисосҳо, ҳолатҳои воқеӣ | | |
| | Рушди малакаҳои калидӣ | Таҳлили масъала, тавлиди идеяҳо | | |
| **4. Фазои равонӣ** | Дастгирии эҷодкорӣ ва ташаббус | Таърифи идеяҳо, иштироки фаъол | | |
| | Микёси ангеза ва иштироки хонанда | Хоҳиши омӯзиш, сатҳи фаъолият | | |
| | Нишонаҳои асабоният ё тангнафсӣ | Назорати шадид, тарси хато | | |
| **5. Арзёбӣ ва мониторинг** | Истифодаи усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ | Арзёбии ташаккулдиҳанда, рефлексия | | |
| | Шомил шудан ба худтаҳлил ва андешаҳои шахсӣ | SWOT-таҳлил, дафтарчаи фикрҳо | | |
| | Баҳодии фаҳмо ва дастрас | Шарҳҳои инфиродӣ, муҳокимаи гурӯҳӣ | | |

**Ҷалвали арзёбӣ**

| Хол | Тафсир |
|---|---|
| 1 | Ҳузур надорад / ниёз ба беҳбудии ҷиддӣ дорад |
| 2 | Кам ба назар мерасад / мушкилиҳо вуҷуд доранд |
| 3 | Қисман истифода мешавад / ниёз ба такмил дорад |
| 4 | Мунтазам истифода мешавад / ба талабот ҷавобгӯ аст |
| 5 | Комилан ба стандартҳо мувофиқ аст / сатҳи баланд |

## *НАМУНАИ ХАРИТАИ МУШОҲИДАИ МУҲИТИ ТАЪЛИМ*

### *1. Фазо ва шароити таълим (муҳити физикӣ ва рақамӣ)*

| Категория | Нишондод | Усули ташхис | Ҷадвали баҳодиҳӣ (1–5) | Шарҳҳо |
|---|---|---|---|---|
| Фазо | Мавҷудияти минтақабандии таълимӣ | Аксбардорӣ варақаҳои назоратӣ | 1–5 | Оё беҳбудӣ зарур аст? |
| | Дастрасии технологияҳо | Таҳлили инфра-сохтор, пурсиш | 1–5 | Дараҷаи дастгоҳҳо? |
| | Шароити бароҳат (равшанӣ, мебел) | Пурсиши хонандагон | 1–5 | Оё ҷойгиршавиро беҳтар кардан лозим аст? |

### *2. Муоширати омӯзгор ва хонандагон*

| Категория | Нишондод | Усули ташхис | Ҷадвали баҳодиҳӣ (1–5) | Шарҳҳо |
|---|---|---|---|---|
| Муошират | Муошират дар гурӯҳ | Сабти аудиоии муҳокимаҳо | 1–5 | Оё сатҳи шомилшавӣ кофист? |
| | Тақриздиҳӣ аз тарафи омӯзгор | Пурсиши хонандагон | 1–5 | Оё инъикоси омӯз-гор мунтазам аст? |
| | Дараҷаи фаъолият | Мушоҳида | 1–5 | Оё шомилшавиро беҳтар кардан мумкин аст? |

### *3. Сифати мазмуни таълим*

| Категория | Нишондод | Усули ташхис | Ҷадвали баҳодиҳӣ (1–5) | Шарҳҳо |
|---|---|---|---|---|
| Замонавӣ будан | Навсозии мавод | Таҳлили AI-и ҳуҷҷатҳо | 1–5 | Оё ниёз ба навсозӣ ҳаст? |
| | Мисолҳои воқеӣ дар таълим | Пурсиши хонандагон | 1–5 | Оё мисолҳои ҳаётӣ кофист? |
| | Рушди тафаккур | Таҳлили супоришҳо | 1–5 | Оё малакаҳоро рушд медиҳад? |

### *4. Муҳити эмотсионалӣ ва бароҳатии равонӣ*

| Категория | Нишондод | Усули ташхис | Ҷадвали баҳодиҳӣ (1–5) | Шарҳҳо | Категория |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳавасмандкунӣ | Сатҳи шавқу рағбат | Пурсиш, таҳлили фаъолият | Trello, Class Dojo | 1–5 | Чӣ тавр метавон онро беҳтар кард? |
| | Эҷодкорӣ ва идеяҳо | Арзёбии лоиҳаҳо | Notio, Padlet (платформа ва тахтаи рақамӣ) | 1–5 | Оё идеяҳо дастгирӣ мешаванд? |
| | Дараҷаи фишори равонӣ | Пурсиши беном | Google Forms (шаклҳои Google) | 1–5 | Оё шиддат ё фишор мавҷуд аст? |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

***1. Пурсишҳо:***

- Имкон медиҳанд, ки **афкор ва фикрҳои хонандагон, омӯзгорон ва волидон** ҷамъоварӣ шаванд
- Дар **муайян намудани сатҳи қаноатмандӣ** ва **минтақаҳои мушкил** кумак мекунанд.
- Самаранок гирифтани **маълумоти рақамӣ** дар бораи **рафти тағйирот**
- Метавонанд **пайваста гузаронида шаванд**, то **тамоюлҳо** пайгирӣ карда шаванд

**2. Харитаҳои мушоҳида:**

- **Рафтори воқеии хонандагон ва омӯзгоронро** дар муҳити таълим сабт кардан
- Имкон медиҳанд, ки **ташкили муҳит ва усулҳои таълим** баҳодиҳӣ шаванд
- Кумак намудан дар ошкор кардани **омилҳои пинҳонии** ба раванди таълим таъсиррасонанда
- Фароҳам овардани шароит барои **таҳлили воқеъбинона** ва бе таъсири шахсӣ

***3. Мусоҳибаҳо:***

- Додани фаҳмиши амиқи **нигоҳ ва ниёзҳои иштирокчиёни таълим**
- Имкон медиҳанд **ҷанбаҳои эҳсосӣ ва рафторӣ** ошкор карда шаванд
- Муфид будан барои ташхиси **ангеза** ва **муошират**
- **Маълумоти сифатӣ-** барои қабули қарорҳои стратегӣ имконият фароҳам месзанд

***4. Таҳлил:***

- Маълумотро дар шакли **сохторбандӣ ва мураттаб** пешниҳод мекунад
- Имкон медиҳад **қонуниятҳо ва тамоюлҳо** шинохта ва **натиҷаҳои таълим** пешбинӣ карда шаванд.
- Коркарди маълумотро **намоишӣ ва рақамӣ** кардан.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Кадом воситаҳои ташхиси муҳити таълим дар хотири ман беҳтар монданд?
2. Чӣ гуна ман метавонам харитаҳои мушоҳида ё маълумоти таҳлилшударо дар фаъолияти худ истифода барам?
3. Кадом лаҳзаҳо барои ман душвор буданд ва кадом мавзуъҳоро бояд амиқтар омӯзам?
4. Чӣ гуна фаҳмиши ман нисбати таҳлили таълим баъди омӯзиши ин мавзуъ тағйир ёфт?
5. Кадом қадамҳоро метавонам барои такмили кори методии худ анҷом диҳам?

👉 ***Шакли фаъолият:*** *посухҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳии амалияи худ**

**1. Таҳлили самаранокии усул**

- Кадом воситаҳои ташхисиро дар амалияи худ истифода мебарам?
- То кадом дараҷа онҳо барои гирифтани маълумоти объективӣ дар бораи муҳити таълим мусоидат мекунанд?
- Кадом натиҷаҳои ташхис ба раванди таълим таъсир мерасонанд?

**2. Дарк кардани тарафҳои мусбӣ ва манфӣ**

- Кадом усулҳои методии ман бештар натиҷа медиҳанд?
- Кадом ҷанбаҳои амалияам ниёз ба такмил доранд?
- Чӣ гуна ман қобилияти таҳлили равандҳои таълимиро баҳогузорӣ мекунам?

**3. Таъсир ба муҳити таълим**

- Чӣ гуна ташхис ба ман дар баланд бардоштани сифати таълим кумак мекунад?
- Чӣ гуна таҳлили ман ба стратегияи кории муассиса таъсир мерасонад?
- Дар асоси мушоҳидаҳо ман ба ҳамкорон чӣ тавсия дода метавонам?

👉 ***Шакли фаъолият:*** *қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар гурӯҳҳои дунафарӣ*

**III. Гузариш ба амал**

**1. Муайян кардани самтҳои асосӣ**

- Кадом тағйиротро мехоҳам дар амалияи таълимии худ ворид кунам?
- Кадом воситаҳои ташхис метавонанд равандро беҳтар созанд?
- Кадом маълумотҳоро бояд барои таҳлил ҷамъ кунам?

**2. Тартиб додани нақшаи мушаххас**

- Кадом қадамҳоро метавонам аллакай имрӯз иҷро кунам?
- Кадом манбаъ ва воситаҳо ба ман лозим мешаванд?
- Чӣ гуна натиҷаҳои амалҳоро арзёбӣ мекунам?

**3. Ҷорӣ намудани усулҳои нав**

- Чӣ гуна метавонам воситаҳои рақамиро дар ташхис муттаҳид намоям?
- Кадом методҳоро омодаам дар ҳафтаҳои наздик санҷам?
- Тағйироти аввал дар муҳити таълим чӣ гуна хоҳанд буд?

**4. Арзёбӣ ва такмил**

- Чӣ гуна ман пешрафт ва самаранокии тағйиротро пайгирӣ мекунам?
- Баъди марҳилаҳои аввал чӣ хулосаҳо мебарорам?
- Чӣ гуна усулҳоро дар асоси маълумоти гирифташуда мутобиқ мекунам?

**Хулоса**

Гузариш ба амал талаб мекунад:

- **нақшаи дақиқ**,
- **ҷорӣ намудани тағйироти пайдарпай**,
- **мониторинги самаранокӣ ва танзим дар асоси маълумоти воқеӣ**.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАХМИЛАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 5.2**

**Супориши: Мафҳумро бо тавсиф мувофиқа кунед**

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Таҳлили муҳити таълим | A. Ҷамъоварии маълумот ва коркарди он барои муайян кардани қонуниятҳо |
| 2 | Харитаҳои мушоҳида | B. Воситаи ҷамъоварии оммавии маълумот аз хонандагон ва омӯзгорон |
| 3 | Пурсишҳо | C. Усули таҳқиқи муҳити таълим бо сабти мушоҳидаҳо |
| 4 | Мусоҳибаҳо | D. Роҳ барои гирифтани фикрҳои шахсӣ ва таҷрибаи иштирокчиён |

**Супориши 2: Хатоҳоеро ёбед, ки маълумоти нодуруст медиҳад.**

1. Харитаҳои мушоҳида кумак мекунанд рафтори воқеии иштирокчиёни раванди таълим сабт карда шаванд.
2. Мусоҳибаҳо имкон медиҳанд фаҳмиши амиқи мушкилот ва ниёзҳоро ба даст оварем.
3. Пурсишҳо танҳо барои таҳлили миқдорӣ истифода мешаванд ва маълумоти сифатӣ намедиҳанд.
4. Таҳлил ба пешгӯйии натиҷаҳои таълимӣ кумак мекунад.

**Супориши 3: Таърифро пур кунед**

Харитаҳои мушоҳида воситаи ташхисе мебошанд, ки имконият медиҳад сабт кардани ______________________________ дар раванди таълим, бо мақсади арзёбии **сифат ва самаранокии он амалӣ карда шавад**.

**Супориши 4: Таҳлили вазъият**

**Вазъият:** Омӯзгор барои таҳлили дарс харитаи мушоҳидаҳоро истифода мебарад. Ӯ сабт мекунад, ки хонандагон бо ҳам ва бо омӯзгор чӣ гуна муошират мекунанд, инчунин истифодаи асбобҳои рақамиро арзёбӣ менамояд. Баъди таҳлили маълумот мушоҳида мекунад, ки хонандагон аз платформаҳои интерактивӣ гарчанде онҳо дастрасанд кам истифода мебаранд.

**Савол: Кадом амал барои беҳбудии муҳити таълим самараноктар хоҳад буд?**

☐ Гузаронидани пурсиш байни хонандагон, барои фаҳмидани сабабҳои истифодаи ками платформаҳо

☐ Афзоиш додани шумораи супоришҳо, ки истифодаи воситаҳои рақамиро талаб мекунанд

☐ Гузаронидани мусоҳиба бо омӯзгорон, барои фаҳмидани муносибати онҳо ба технологияҳо

☐ Бартараф кардани платформаҳои рақамӣ, зеро онҳо истифода намешаванд

**Супориши 5: Таҳлили ғалатҳо**

**Баён:** Харитаҳои мушоҳида барои ҷамъоварии маълумоти рақамӣ истифода мешаванд, аммо таҳлил танҳо барои таҳлили сифатӣ корбурд дорад.

☐ Таҳлил метавонад ҳам барои таҳлили сифатӣ ва ҳам рақамӣ истифода шавад

☐ Ҳама дуруст аст

☐ Харитаҳои мушоҳида маълумоти рақамӣ ҷамъ намекунанд

☐ Харитаҳои мушоҳида ва таҳлил ба ҳам алоқаманд нестанд

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Тартиб додани харитаи мушоҳида барои тахшхиси муҳити таълими кабинети химия
2. Тартиб додани саволномаҳо барои мубоҳиса ва таҳлили муҳити равонӣ
3. Тартиб додани саволномаҳо барои мубоҳиса бо хонандагон оид ба эҳсости онҳо

## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1.**
**Харитаи мушоҳида: Ташхиси муҳити таълимии кабинети химия**

| Нишондод | Мушоҳидаҳо / Эзоҳҳо |
|---|---|
| 1. Ташкили муҳити таълимӣ | |
| 2. Рафтор ва муошırати хонандагон | |
| 3. Дастрасӣ ва амният | |
| 4. Муҳити равонӣ-эҳсосӣ | |

**Супориши амалӣ 2: Саволҳо барои мусоҳиба ва таҳлил оид ба муҳити равонӣ**

**Мусоҳибашаванда: Омӯзгор / Хонанда**

| № | Савол | Ҷавоби кӯтоҳ / Тезис |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |
| 5 | | |

**Тезисҳои асосӣ аз мусоҳиба ва тавсияҳо**

| № | Андеша, калима ва идеяҳое, ки муҳити равониро инъикос мекунанд | Тавсияҳои идоракунӣ (2–3 нукта) |
|---|---|---|
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3 | | |
| 4 | | |
| 5 | | |

# МАВЗУИ 2

## Таҳлили тарафҳои мусбат ва манфии муҳити муассисаи таълим

**Чиро донистан муҳим аст**:

- Мафҳуми муҳити таълим: физикӣ, иҷтимоӣ ва психологӣ.
- Робитаи муҳит бо ҳавасмандкуниҳо, комёбиҳои хонандагон ва маҳорати касбӣ.
- Назари таҳлилӣ ба муҳит: меъёрҳои арзёбӣ, нишондиҳандаҳо ва сатҳи дарки муҳит.
- Манбаъҳои иттилоот: мушоҳидаҳо, пурсишҳо, мусоҳибаҳо, ҳуҷҷатҳои идорӣ.
- Таъсири қарорҳои идоракунӣ ба ташаккули тарафҳои мусбат ва манфии муҳит.

**Чиро бояд тавонем:**

- Шиносоии унсурҳои калидии муҳит, ки ба сифати таълим таъсир мегузоранд.
- Ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот бо ёрии абзорҳои ташхисӣ.
- Тафсири натиҷаҳо: муайян кардани хавфҳо, монеаҳо ва захираҳо.
- Шаклдиҳии хулосаҳо ва тавсияҳои идоракунӣ дар асоси таҳлил.
- Ҷалби иштирокчиёни ҷомеаи муассисавӣ ба раванди арзёбӣ.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

1. Кадом нишонаҳо ҷиҳатҳои мусбии муҳити муассисаи таълимиро ишора мекунанд?
2. Кадом усулҳо кумак мекунанд, ки тарафҳои манфӣ бе эҷоди муқовимат ошкор шаванд?
3. Чӣ гуна аз натиҷаҳои таҳлил барои таҳияи нақшаи такмилдиҳии устувор истифода бурдан мумкин аст?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз омӯзиши мавзуъ метавонед:

1. Муҳитҳои физикӣ, педагогӣ ва иҷтимоии муассисаро фарқ кунед.
2. Воситаҳои мушоҳида, варақаи санҷишӣ (чек-лист) ва таҳлили SWOT-ро барои арзёбии системавии муҳити муассиса аз худ кунед.
3. Дар асоси таҳлил, тавсияҳо оид ба навсозии инфрасохтор ва муҳити мактабӣ таҳия кунед.
4. Таъсири фазои муассисаро ба равандҳои таълим арзёбӣ намуда, ҳамкориро байни иштирокчиён таъмин ва сатҳи иштироки хонандагону омӯзгоронро баланд бардоред.

## Муқаддима

Муҳити таълим на танҳо заминаи пасипардагии раванди омӯзиш аст, балки ҷузъи фаъоле мебошад, ки сифати таълим, муҳити эҳсосӣ ва фарҳанги ҳамкориро дар муассиса ташаккул медиҳад. Аз он, ки муҳит то чӣ андоза фаъол, амн, кушода ва дастгирикунанда аст, осудагии хонандагон, ангезаи омӯзгорон ва сатҳи муваффақияти натиҷаҳои таълимӣ аз он вобастагӣ дорад.

Таҳлили тарафҳои мусбат ва манфии муассиса яке аз абзорҳои муҳимтарини идоракунӣ мебошад, ки имкон медиҳад вазъи воқеии равандҳои дохилии муассиса ошкор шавад. Ин раванд на танҳо захира ва нуқтаҳои рушдро муайян мекунад, балки монеаҳои ба ҳамкорӣ, амният, дастрасӣ ва сатҳи фаъолии иштирокчиёни равандҳои таълим таъсир расонандаро низ ошкор менамояд.

Дар доираи ин мавзуъ, директорони муассисаҳо бо усулҳои таҳлили системавии муҳити таълим, абзорҳои ташхисӣ ва тафсири маълумот шинос мешаванд. Таваҷҷуҳи махсус ба шаклгирии хулосаҳои амалӣ ва тавсияҳо дода мешавад, ки метавонанд асоси тағйироти устувор ва рушди муҳити муассисаро ба манфиати ҳамаи иштирокчиён таъмин намоянд.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Ҷиҳатҳои манфии муҳити муассиса** — хусусиятҳое, ки ба самаранокии раванди таълим ва рушди он монеъ мешаванд. Онҳо метавонанд монеаҳои иртиботӣ, зиёдатии вазифаҳо, ноороҳатии муҳити ташкилшуда, набудани дастгирӣ ё сатҳи пасти амниятро дар бар гиранд.

**Таҳлили муҳит** — раванди омӯзиши муҳити таълим бо мақсади муайян кардани хусусият, нуқтаҳои мушкил ва иқтидори рушд мебошад. Ин раванд ҷамъоварии маълумот, таҳлили он ва шаклгирии хулосаҳои идоракуниро дар бар мегирад.

**Меъёрҳои арзёбӣ** — нишондиҳандаҳои пешакӣ муайяншудае, ки тибқи онҳо таҳлили муҳит гузаронида мешавад (масалан, бароҳатӣ, бехатарӣ, дастрасӣ, ҳавасмандкуниҳо).

**Абзорҳои ташхисӣ** — усулҳои ҷамъоварии иттилоот дар бораи муҳити муассисавӣ мебошанд: пурсишҳо, харитаҳои мушоҳида, мусоҳибаҳо, анкетаҳо, мушоҳидаи визуалӣ (тасвирӣ, намоишӣ).

**Муҳити психологӣ** — муҳити эҳсосии муассиса мебошад, ки эҳсоси дастгирӣ, сатҳи эътимод ва сифати иртибот байни иштирокчиёни раванди таълимро дар бар мегирад.

**Захираҳои муҳит** — тарафҳои мусбат, ки метавонанд заминаи тағйирот ва рушд бошанд (масалан, ҷомеаи фаъоли муассисавӣ, тағйирпазирии (чандирии) роҳбарият, муҳитҳои кушода).

**Монеаҳои муҳит** — ҷиҳатҳои манфие, ки рушдро маҳдуд мекунанд ё ташаннуҷро ба вуҷуд меоранд (масалан, набудани эътимод, якдигарфаҳмӣ ва амсоли ин).

# МАШҒУЛИЯТИ 1

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. **Фаҳмидани сохтори муҳити таълим** ва таъсири он ба ангезиш, муҳити равонӣ ва сифати таълим.
2. Тафовутгузории ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии муҳит бо такя ба меъёрҳои арзёбӣ ва нишондиҳандаҳо, ки ба ҷузъҳои физикӣ, иҷтимоӣ ва эҳсосӣ марбутанд.
3. Интихоб карда тавонистани манбаъҳои иттилоотӣ (мушоҳидаҳо, пурсишҳо, мусоҳибаҳо, ҳуҷҷатҳои идоракунӣ) барои гузаронидани таҳлили ибтидоии шароити муассисаи таълимии худ.



## АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Супоришҳо барои санҷиши донишҳои ибтидоӣ:**

**1. «Шумо чӣ медонед…»**

- Кадом омилҳо ба сифати муҳити муассисаи таълимӣ таъсир мерасонанд?
- Кадом усулҳои таҳлили муҳити муассисаи таълимӣ ба шумо маълуманд?
- Чаро муҳим аст, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити таълим мунтазам арзёбӣ шаванд?

**2. «Дуруст/нодуруст»**

- Муҳити ҷисмонии муассисаи таълимӣ танҳо инфрасохтори биноҳоро дар бар мегирад. ________________
- Муҳити иҷтимоӣ ба ангезиши хонандагон таъсир мерасонад. __________________
- Муҳити педагогӣ танҳо аз сатҳи омодагии омӯзгорон муайян мешавад. _________

**3. «Мувофиқа кунед…»**
**Намуди муҳити муассисаи таълимро бо хусусиятҳои он муқоиса кунед:**

| | |
|---|---|
| **A.** Муҳити ҷисмонӣ | **1.** Иртибот, ҳамкорӣ, амният |
| **B.** Муҳити иҷтимоӣ | **2.** Таъминоти кабинетҳо, дастрасии инфрасохтор |
| **C.** Муҳити педагогӣ | **3.** Усулҳои таълим, сатҳи омӯзиш, ангезиш |
| | |

**Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон:**

- Кадом тағйиротро дар муҳити муассисаи таълимӣ дар солҳои охир ҷорӣ кардед ва онҳо чӣ натиҷа доданд?
- Дар муассисаи таълимии шумо таъсири муҳити таълим ба муваффақияти хонандагон чӣ гуна арзёбӣ мешавад?
- Кадом ҷиҳатҳои муҳити таълим дар муассисаи таълимии шумо ба диққати аввалиндараҷа ниёз доранд?



**ЧИРО БОЯД ДОНЕД?**

**Варақаи иттилоотии 5.2-ро бо диққат хонда, сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 5.2 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.2**

### *1. ТАҲЛИЛИ ҶИҲАТҲОИ ҚАВӢ ВА ЗАИФИ МУҲИТИ ФИЗИКИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ*

Муҳити муассисаи таълимӣ дар раванди таълим накши ҳалкунанда мебозад. Он фазоро ташаккул медиҳад, ба муваффақият ва рушди шахсияти хонандагон таъсир мерасонад, инчунин самаранокии таълимро муайян мекунад.

Барои эҷоди шароити бароҳат зарур аст, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити физикӣ, педагогӣ ва иҷтимоӣ амиқ омӯхта шаванд. Чунин таҳлил ба ошкор кардани минтақаҳои мушкил, муайян кардани самтҳои беҳбудӣ ва таҳияи стратегияҳо барои баланд бардоштани сифати таълим кумак мекунад.

Дар ҷараёни дарс мо усулҳои амалӣ барои ташхис, ба монанди мушоҳида, варақаҳои назоратӣ ва таҳлили SWOT-ро баррасӣ мекунем, то фаҳмем, ки муҳити атроф ба ангезиш, натиҷа ва ҳамкорҳо дар дохили муассисаи таълимӣ чӣ гуна таъсир мерасонад.

**Кори мустақилона: Тарафҳои дигари мусбат ва манфии муҳити таълими муассисаҳои таҳсилоти худро илова кунед**

**Ҷиҳатҳои қавӣ:**

1. **Бехатарӣ ва вазифавӣ**
   - Мавҷудияти системаҳои муосири бехатарӣ (назорати видеоӣ, назорати дастрасӣ).
   - Тарҳбандии бароҳат, ки ҳаракати бехатарро дар ҳудуди муассисаи таълимӣ таъмин мекунад.
   - Тозагӣ ва нигоҳдории мунтазами синфхона ва утоқҳо.
2. **Роҳат ва дастрасӣ**
   - Таҷҳизоти (мебел) бароҳат ва мутобиқ, ки ба хусусиятҳои синну соли хонандагон мутобиқ карда шудааст.
   - Мавҷудияти минтақаҳои истироҳат ва дамгирӣ (ҳавлии муассиса, майдончаҳои варзишӣ, минтақаҳои истироҳат).
   - Дастрасии утоқҳо барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд (лифтҳо, пандусҳо, ҳоҷатхонаҳои мутобиқшуда).
3. **Таъминот ва технологияҳо**
   - Утоқҳои муосири таълимӣ бо тахтаҳои электронӣ ва воситаҳои мултимедиявӣ.
   - Миқдори кофии компютерҳо ва дастрасӣ ба интернет барои мақсадҳои таълимӣ.
   - Лаборатория ва минтақаҳои махсус барои машғулиятҳои амалӣ (синфҳои таҷрибавӣ, марказҳои STEAM (илм, технология, муҳандисӣ, санъат, риёзиёт
4. **Зебоӣ ва ҳавасмандкунанда**
   - Синфҳои равшан ва бароҳат бо тарҳи фикркардашуда, ки фаъолияти маърифатиро ҳавасманд мекунад.
   - Ороиши мавзуии фазоҳои муассиса (осорхона, стендҳои намоишӣ, стендҳои дастовардҳои хонандагон).
   - Ҳузури минтақаҳои сабз (растаниҳо дар синфҳо, боғи муассиса), ки ба ташаккули иқлими мусоид мусоидат мекунанд.

**Ҷиҳатҳои заиф:**

1. **Бехатарии нокифоя**
   - Набудани системаи маълуми назорати дастрасӣ.
   - Сохторҳои фарсудашуда (зинапояҳои вайроншуда, дарҳо ва тирезаҳои осебдида).
   - Равшании кам дар долонҳо ва минтақаҳои таълимӣ.
2. **Шароити маҳдуд барои фарогирӣ**
   - Набудани мутобиқсозии муҳит барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд.
   - Долонҳо ва дарҳои танг, ки ҳаракатро душвор мекунанд.
   - Набудани ҷойҳои махсус барои кӯдакони дорои ниёзҳои гуногун.
3. **Норасоии таҷҳизоти муосир**
   - Мизу курсиҳои кӯҳна, ки барои омӯзиши тӯлонӣ нороҳатанд.
   - Дастрасии маҳдуд ба технологияҳои мултимедиявӣ ва интернет.
   - Миқдори нокифояи таҷҳизоти лабораторӣ барои машғулиятҳои амалӣ.
4. **Муҳити пасти ангезиш**
   - Ороиши якранги синфҳо, набудани унсурҳои ҳавамандкунанда.
   - Набудани ҷойҳои мувофиқ барои кори гурӯҳӣ.
   - Диққати нокифоя ба ташкили муҳити бароҳат.

**Ҷадвали ҷанбаҳои мушаххаси муҳити физикии муассиса, ки барои идоракунии муваффақ муҳиманд**

| Дараҷа | Ҷиҳатҳои қавӣ | Ҷиҳатҳои заиф | Ҷанбаҳои мушаххас барои беҳбудӣ |
|---|---|---|---|
| **Амният ва мувофиқ ба вазифа** | Системаҳои муосири амниятӣ, тарҳбандии бароҳат, тозагии утоқҳо | Набудани назорати дастрасӣ, сохторҳои фарсуда, равшании нокифоя | Насби системаи равшанӣ назорати дастрасӣ, навсозии дарҳо, беҳтар кардани равшанӣ |
| **Роҳат ва дастрасӣ** | Мебели бароҳат ва мувофиқ, минтақаҳои истироҳат, дастрасӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд | Долонҳои танг, набудани шароити мутобиқ барои таълими фарогир | Васеъ кардани роҳравҳо, насби ҷойҳои кории бароҳат, ташкили минтақаҳои истироҳат |
| **Таъминот ва технологияҳо** | Тахтаҳои интерактивӣ, компютерҳо, лабораторияҳо барои машғулиятҳои амалӣ | Мебели кӯҳна, норасоии таҷҳизоти мултимедиявӣ, интернети суст | Навсозии таҷҳизоти муассиса, васеъ кардани имкониятҳои рақамӣ, дастрасӣ ба интернети баландсуръат |
| **Эстетика ва ангезиш** | Ороиши равшани синфҳо, минтақаҳои мавзуӣ, сабзкориҳо | Тарҳи якранг, набудани унсурҳои ҳвасмандкунанда | Ташкили стендҳои ангезишӣ, ташкили муҳит мувофиқи методикаҳои муосири таълим |
| **Мутобиқшавӣ ба иқлими маҳаллӣ** | Деворҳои ғафс, ҳавотозакунакҳои хуб, ҳифз аз гармӣ ва сармо | Норасоии кондитсионерҳо, ҳавотозакунакҳои нокифоя дар баъзе утоқҳо | Беҳтар кардани системаи ҳавотозакунӣ, насби унсурҳои муҳофизатӣ аз офтоб ва сармо |
| **Муҳит барои фаъолиятҳои беруназсинфӣ** | Ҳавлии муассиса, майдончаҳои варзишӣ, минтақаҳои истироҳат | Имкониятҳои маҳдуд барои истироҳати фаъол, норасоии майдончаҳои варзишии муосир | Рушди майдончаҳои варзишӣ, ташкили муҳити мусоид барои чорабиниҳои эҷодӣ ва иҷтимоӣ |

**Ҷадвали таҳлили минтақаҳои муҳити физикии муассисаи таълимӣ**

| Минтақа | Ҷиҳатҳои қавӣ | Ҷиҳатҳои заиф | Тавсияҳо |
|---|---|---|---|
| **Синфхонаҳо** | Ҷойҳои нишаст, равшании хуб, мебели бароҳат, таҷҳизоти таълимӣ, ҳарорати мувофиқ | Мизу курсиҳои фарсуда, норасоии воситаҳои мултимедиявӣ, ҷойгиршавии номувофиқ, роҳгирии (изолятсияи) сусти овоз | Навсозии мебел, беҳтар кардани роҳгирии (изолятсияи) овоз, васеъ кардани минтақаҳои мултимедиявӣ |
| **Долонҳо ва ҷойҳои умумӣ** | Долонҳои васеъ, роҳҳои таҳлия (эвокуатсия), лавҳаҳои (стендҳои) иттилоотӣ ва ороишӣ | Роҳравҳои танг, равшании нокифоя дар минтақаҳои дур, набудани ҷойҳои истироҳат | Беҳтар кардани равшанӣ, ташкили минтақаҳои истироҳат, беҳтарсозии роҳҳои ҳаракат |
| **Минтақаҳои санитарӣ** | Дастрасии утоқҳои санитарӣ, мавҷудияти собун ва дастмолҳои коғазӣ, тозагии мунтазам | Норасоии ҳоҷатхонаҳо, набудани мутобиқсозӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, ҳавотозакунакҳои суст | Илова кардани ҳоҷатхонаҳо, мутобиқсозии минтақаҳо барои кӯдакони дорои имкониятҳои маҳдуд, беҳтар кардани ҳавотозакунакҳо |
| **Минтақаҳои варзишӣ ва истироҳатӣ** | Толори варзишӣ ё майдончаҳои кушод, таҷҳизоти варзишӣ, минтақаҳои васеъ барои чорабиниҳо | Таҷҳизоти фарсуда, набудани минтақаҳои пӯшида барои машқ дар ҳавои номусоид, имкониятҳои маҳдуд барои намудҳои варзиши муосир | Навсозии таҷҳизот, ташкили минтақаҳои пӯшидаи варзишӣ, илова кардани намудҳои нави варзиш |
| **Китобхона ва минтақаҳои кории инфиродӣ** | Китобҳои таълимӣ, муҳити мусоид барои омӯзиши ором, компютерҳо барои ҷустуҷӯйи маълумот | Фонди маҳдуди китобҳо, норасоии ҷойҳо барои кори инфиродӣ, интернети суст | Ғани гардонидани фонди китобхона, зиёд кардани ҷойҳои корӣ, беҳтар кардани инфрасохтори рақамӣ |
| **Мутобиқшавӣ ба иқлим** | Ҳавотозакунакҳои табиӣ, ҳифз аз гармӣ ва сармо | Ҳавотозакунакҳои суст дар баъзе минтақаҳо, норасоии кондитсионерҳо | Беҳтар кардани системаи ҳавотозакунӣ, насби экранҳои муҳофизатӣ аз офтоб ва сармо |
| **Зебоӣ (эстетика) ва ангезиш** | Ороиши равшании синфҳо, сабз-кориҳо, лавҳаҳои дастовардҳо | Фазоҳои якранг, набудани минтақаҳои эҷодӣ | Тарҳрезии дизайни ангезишии муассиса, ташкили минтақаҳои ҷолиб |
| **Фазо барои фаъолиятҳои берунazсинфӣ** | Майдончаҳои варзишӣ, минтақаҳои истироҳатӣ, боғҳои муассисавӣ | Минтақаҳои маҳдуд барои истироҳати фаъол, инфрасохтори номусоид | Ташкили майдончаҳои нав барои чорабиниҳо, ободонии минтақаҳои иловагии истироҳатӣ |

***Кори гурӯҳӣ. Дар гурӯҳҳо муҳити физикии муассисаи таълимии худро таҳлил кардан***

**Гурӯҳи 1.** Таҳлили синфхонаҳо дар ҷадвали SWOT

**Гурӯҳи 2.** Таҳлили ҷанбаи ороиш (зебоӣ) ва ҳавасмандкуниҳо дар ҷадвали **SWOT-таҳлил.**

**Гурӯҳи 3.** Ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити рақамии муассиса

**Гурӯҳи 4.** Китобҳои дарсӣ, стандарт ва барномаҳои таълимии насли нав

**Гурӯҳи** 5. Пур кардани варақаи назоратии таҳлили муҳити физикии муассисаи таълимӣ

| | | |
|---|---|---|
| Муҳити дохилӣ | Тарафҳои мусбӣ (S) | Тарафҳои манфӣ (W) |
| | 1.<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. | 1.<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. |
| Муҳити беруна | Имкониятҳо (O) | Хавф (T) |
| | 1<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. | 1.<br>2.<br>3.<br>4.<br>5. |

**Варақаи назоратии таҳлили муҳити физикии муассисаи таълимиро пур кунед**

| **Категория** | **Меъёрҳои арзёбӣ** | **Баҳо 1-5** | **Шарҳҳо / Иловаҳо** |
|---|---|---|---|
| **Амният ва мувофиқат ба вазифа** | Мавҷудияти камераҳои назоратӣ | | |
| | Вазъи роҳҳои таҳлия | | |
| | Равшанӣ дар долонҳо ва синфхонаҳо | | |
| | Тозагӣ ва ҳолати санитарӣ | | |
| **Бароҳатӣ ва дастрасӣ** | Бароҳат будани мебел (таҷҳизот) | | |
| | Дастрасӣ барои кӯдакони дорои имкониятҳои махсус | | |
| | Ҳарорати мувофиқ | | |
| | Мавҷудияти минтақаҳои истироҳат | | |
| **Таъминот ва технологияҳо** | Дастрасӣ ба интернет | | |
| | Мавҷудияти таҷҳизоти мултимедиявӣ | | |
| | Сифати таҷҳизоти варзишӣ | | |
| | Фонди китобхона | | |
| **Зебоӣ (эстетика) ва ангезиш** | Ороиши синфхонаҳо | | |
| | Минтақаҳои сабз | | |
| | Ба мавкеъҳои гуногун муттаҳид намудани муҳит | | |
| **Мутобиқшавӣ ба иқлим** | Сифати ҳавотозакунак | | |
| | Ҳифз аз гармӣ ва сармо | | |
| | Муҳофизат аз садо | | |
| **Макон барои фаъолиятҳои берунасинфӣ** | Майдончаҳои варзишӣ | | |
| | Минтақаҳои эҷодӣ | | |
| | Ҷойҳо барои чорабиниҳои муассисавӣ | | |

## 2. *МУҲИТИ ПЕДАГОГИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ*

Муҳити педагогии муасссиаи таълимӣ маҷмӯи шароитҳоест, ки ба таълим, тарбия ва рушди хонандагон мусоидат мекунанд. Он усулҳои таълим, ҳамкории байни омӯзгорону хонандагон, захираҳои таълимӣ ва фазои раванди таълимро дар бар мегирад.

**Унсурҳои асосии муҳити педагогӣ:**

1. **Сифати таълим** – сатҳи омодагии омӯзгорон, истифодаи методикаҳои муосир, мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ.
2. **Ҳамкории байни иштирокчиён** – ҳамкории омӯзгорон, хонандагон ва волидон, дастгирӣ ва ангезиш.
3. **Захираҳои таълимӣ** – маводди таълимӣ, технологияҳои рақамӣ, лабораторияҳо, дастрасӣ ба иттилоот.
4. **Муҳити равонӣ** – сатҳи эътимод, эҳтиром ва амният дар муассиса.
5. **Усулҳои таълим** – равишҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ, шаклҳои интерактивии кор, фаъолияти лоиҳавӣ.

**Ҷадвали таҳлили ҷиҳатҳои мусбӣ ва заифи муҳити педагогии муассисаи таълимӣ**

| Унсурҳои асосӣ | Тарафҳои мусбӣ | Тарафҳои манфӣ |
|---|---|---|
| **1. Сифати таълим** | Сатҳи баланди омодагии омӯзгорон. | Норасоии усулҳои амалӣ. |
| | Истифодаи методикаҳои муосир (технологияҳои таълими фаъол, таълими лоиҳавӣ). | Барномаҳои таълимӣ бо сарбории зиёд, норасоии тағйирпазирӣ (чандирӣ). |
| | Мутобиқсозии маводҳо, супоришҳои таълимӣ таълимӣ ба ниёзҳои инфиродии хонандагон. | Имкониятҳои маҳдуд барои рушди касбии омӯзгорон. |
| | Мавҷудияти системаи такмили ихтисоси омӯзгорон. | Ҳамгироии нокифояи технологияҳои рақамӣ дар раванди таълим. |
| **2. Ҳамкории байни иштирокчиён** | Ҳамкории самаранок байни омӯзгорон, хонандагон ва волидон. | Ангезиши нокифояи хонандагон барои иштироки фаъол дар ҳаёти муассиса. |
| | Системаи рушдёфтаи роҳнамоӣ ва дастгирии хонандагон. | Ҳамкории маҳдуд байни омӯзгорони фанҳои гуногун. |
| | Ҷалби фаъолонаи волидон ба раванди таълим. | Системаи номусоиди бозгашт байни хонандагон ва омӯзгорон. |
| | Мавҷудияти ҷамъиятҳо ва клубҳои муассисавӣ барои мубодилаи таҷриба. | Сатҳи пасти иштироки волидон дар ташаббусҳои таълимӣ. |
| **3. Захираҳои таълимӣ** | Дастрасӣ ба маводди таълимӣ, китобхона, захираҳои рақамӣ. | Дастрасии маҳдуд ба воситаҳои муосири рақамӣ. |
| | Мавҷудияти лабораторияҳо ва кабинетҳои махсусгардонидашуда. | Маблағгузории нокифоя барои навсозии маводди таълимӣ. |
| | Истифодаи технологияҳои интерактивӣ дар таълим. | Ҳамгироии нокифояи захираҳои онлайнӣ дар раванди таълим. |
| | Рушди самтҳои STEAM (илм, технология, муҳандисӣ, санъат, риёзӣ). | Имкониятҳои маҳдуд барои машғулиятҳои амалӣ ва таҷрибаҳо. |
| **4. Муҳити равонӣ** | Муносибатҳои эътимоднок байни хонандагон ва омӯзгорон. | Таваҷҷуҳи нокифоя ба ниёзҳои инфиродии хонандагон. |
| | Дастгирии некӯаҳволии эҳсосии хонандагон. | Сатҳи баланди стресс дар хонандагон бинобар пурборӣ. |
| | Мавҷудияти барномаҳо барои рушди малакаҳои иҷтимоӣ. | Коркарди нокифоя бо ҳолатҳои низоъ. |
| | Фазои амн ва бароҳат дар муассиса. | Захираҳои маҳдуд барои дастгирии равонӣ. |

| | | |
|---|---|---|
| **5. Усулҳои таълим** | Истифодаи усулҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ. | Ғолибияти усулҳои анъанавӣ бе назардошти тамоюлҳои муосир. |
| | Ҷорӣ намудани таълими лоиҳавӣ ва проблемавӣ. | Норасоии машғулиятҳои ҳамфаъол ва амалӣ. |
| | Рушди тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти хонандагон. | Имкониятҳои маҳдуд барои инфиродӣ кардани таълим. |
| | Чандирӣ дар интихоби стратегияҳои таълимӣ. | Мутобиқсозии нокифояи усулҳо ба ниёзҳои гурӯҳҳои гуногуни хонандагон. |

**Кор бо усули инфиродӣ ва ҷуфтӣ**
**Вазифа: ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи муҳити педагогии муассисаи таълимии худро ба воситаи ҷадвал ва варқаҳои назоратӣ таҳлил намоед**

**Варақаҳои назоратии таҳлили муҳити педагогии муассиса**

| Меъёр | Баҳо 1-5 | Шарҳҳо / Иловаҳо |
|---|---|---|
| **1. Сифати таълим** | | |
| Сатҳи омодагии омӯзгорон | | |
| Истифодаи усулҳои муосири таълим | | |
| Мутобиқсозии барномаҳои таълимӣ | | |
| Системаи такмили ихтисос | | |
| **2. Усулҳои таълим** | | |
| Технологияҳои таълими фаъол | | |
| Таълими лоиҳавӣ | | |
| Рушди тафаккури интиқодӣ | | |
| Фардикунонии таълим | | |
| **3. Ҳамкории байни иштирокчиён** | | |
| Ҳамкории омӯзгорон | | |
| Дастгирии хонандагон | | |
| Ҷалби волидон | | |
| Системаи алоқаи баръакс | | |
| **4. Муҳити равонӣ** | | |
| Эътимод байни омӯзгорон ва хонандагон | | |
| Ҳолати эҳсосотии хонандагон | | |
| Кор бо ҳолатҳо дар ҳолати низоъ | | |
| Системаи алоқаи баръакс | | |
| **5. Захираҳои таълимӣ** | | |
| Дастрасӣ ба маводди таълимӣ | | |
| Технологияҳои рақамӣ | | |
| Лабораторияҳо ва кабинетҳои махсус | | |
| Дастрасӣ ба иттилоот | | |
| **6. Системаи арзёбӣ ва мониторинг** | | |
| Мониторингҳои мунтазами дониш | | |
| Ташхиси пешравӣ | | |
| Алоқаи баръакс аз тарафи хонандагон | | |
| **7. Рушди касбии омӯзгорон** | | |
| Курсҳои такмили ихтисос | | |
| Роҳнамоӣ | | |
| Мубодилаи таҷриба | | |
| Имкониятҳо барои рушд | | |
| **8. Таълими фарогир ва дастрасӣ** | | |
| Мутобиқсозии муҳит барои кӯдакони | | |

| | | |
|---|---|---|
| имкониятҳои махсус | | |
| Муносибати инфиродӣ | | |
| Дастрасии маводди таълимӣ | | |
| Дастгирии таълими фарогир | | |
| **9. Ҳавасмандкунии хонандагон** | | |
| Ҷалби хонанда ба раванди таълим | | |
| Рушди шавқ ба дониш | | |
| Дастгирии ташаббусҳо | | |
| Барномаи ҳавамандкунии хонандагон ба таълим | | |
| **10. Фаъолиятҳои беруназсинфӣ** | | |
| Клубҳо ва лоиҳаҳо | | |
| Малакаҳои иҷтимоӣ | | |
| Имкониятҳо барои эҷодкорӣ | | |
| Малакаҳои иҷтимоӣ | | |
| Рушди сифатҳои сарварӣ | | |

## *3. МУҲИТИ ИҶТИМОИИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ: МОҲИЯТ ВА УНСУРҲО*

Муҳити иҷтимоии муассисаи таълимӣ — низоми ҳамкорӣ байни хонандагон, омӯзгорон, волидон ва ҷомеаи беруна мебошад, ки фарҳанги муоширавт, арзишҳо ва меъёрҳои рафторро ташаккул медиҳад. Он дар рушди шахсият, иҷтимоикунонии хонандагон ва ҳоли равонии мусбии онҳо нақши калидӣ мебозад.

**Унсурҳои асосии муҳити иҷтимоии муассисаи таълимӣ:**

1. **Муошират ва ҳамкорӣ**
   - Муносибатҳои байни хонандагон (дӯстӣ, ҳамкорӣ, низоъ).
   - Ҳамкорӣ байни омӯзгорон ва хонандагон (дастгирӣ, роҳнамоӣ).
   - Алоқа байни муассиса ва волидон (иштирок дар раванди таълим).
2. **Фарҳанг ва арзишҳо**
   - Қоидаҳои рафтор ва анъанаҳои муассиса.
   - Эҳтиром, фарогирӣ ва таҳаммулпазирӣ.
   - Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва масъулияти иҷтимоӣ.
3. **Иқлими равонӣ**
   - Муҳити эҳсосӣ (сатҳи эътимод, дастгирӣ, амният).
   - Кор бо асабоният ва низоъҳо.
   - Барномаҳои ёрии равонӣ ва дастгирии эмотсионалӣ.
4. **Иштирок ва фаъолият**
   - Иштироки хонандагон дар чорабиниҳо, клубҳо ва лоиҳаҳои муассисавӣ.
   - Сарварӣ ва ташаббус.
   - Ҳамкорӣ бо ҷомеаи беруна (волонтёрӣ, лоиҳаҳои иҷтимоӣ).
5. **Фарогирӣ ва имкониятҳои баробар**
   - Дастрасии таълим барои ҳамаи гурӯҳҳои хонандагон.
   - Дастгирии кӯдакони дорои ниёзҳои махсуси таълимӣ.
   - Ташкили шароити мувофиқ барои омӯзиши бароҳат ва иҷтимоикунонӣ.
6. **Амният ва ҳифз**
   - Бехатарии ҷисмонӣ ва равонӣ.
   - Пешгирии буллинг (озор, **таҳқир** ё **тазйиқ**) ва табъиз.
   - Системаи дастгирии хонандагон дар шароити душвор.

**Ҷадвали таҳлили муҳити иҷтимоии муассисаи таълимӣ**

| Унсури муҳит | Ҷиҳатҳои қавӣ | Ҷиҳатҳои заиф |
|---|---|---|
| **1. Муошират ва ҳамкорӣ** | - Муносибатҳои дӯстона ва дастгирии ҳамсолон<br>- Ҳамкории самаранок омӯзгорон ва хонандагон<br>- Иштироки волидон дар ҳаёти муассиса<br>- Лоиҳаҳои муштарак ва клубҳо | - Низоъҳо байни хонандагон, ҳолатҳои буллинг<br>- Бозгашти нокифоя байни омӯзгорон ва хонандагон<br>- Иштироки сусти волидон<br>- Имкониятҳои маҳдуд барои ҳамкорӣ |
| **2. Фарҳанг ва арзишҳо** | - Анъанаҳои равшан ва меъёрҳои рафтор<br>- Эҳтиром, фарогирӣ, таҳаммулпазирӣ<br>- Ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ<br>- Дастгирии ташаббусҳои шахсӣ | - Таваҷҷуҳи нокифоя ба ташаккули фарҳанги муассиса<br>- Сатҳи пасти масъулияти иҷтимоӣ<br>- Иштироки маҳдуди хонандагон дар лоиҳаҳои ҷамъиятӣ<br>- Набудани системаи ҳавасмандгардонӣ |
| **3. Муҳити равонӣ** | - Муносибатҳои эътимоднок<br>- Дастгирии некӯаҳволии равонӣ<br>- Барномаҳои рушди малакаҳои иҷтимоӣ<br>- Муҳити амн ва бароҳат | - Асабоният бинобар пурбории таълим<br>- Коркарди нокифоя бо низоъҳо<br>- Захираҳои маҳдуд барои ёрии равонӣ<br>- Таваҷҷуҳи нокифоя ба ниёзҳои инфиродӣ |
| **4. Иштирок ва фаъолият** | - Иштироки хонандагон дар чорабиниҳо ва клубҳо<br>- Рушди малакаҳои роҳбарӣ<br>- Ҳамкорӣ бо ҷомеаи беруна<br>- Лоиҳаҳои мустақили хонандагон | - Ангезиши сусти хонандагон<br>- Имкониятҳои маҳдуд барои ташаббусҳои инфиродӣ<br>- Системаи сусти дастгирии истеъдодҳо<br>- Ҳамкории маҳдуд бо ташкилотҳои беруна |
| **5. Фарогирӣ ва имкониятҳои баробар** | - Дастрасии таълим барои ҳама<br>- Дастгирии кӯдакони дорои ниёзҳои махсус<br>- Шароити омӯзиши бароҳат ва иҷтимоикунонӣ<br>- Ҷорӣ намудани методҳои фарогир | - Инфрасохтори нокифоя<br>- Захираҳои маҳдуд барои дастгирӣ<br>- Омодагии нокифояи омӯзгорон<br>- Таваҷҷуҳи нокифоя ба ниёзҳои инфиродӣ |
| **6. Амният ва ҳифз** | - Амнияти ҷисмонӣ ва равонӣ<br>- Пешгирии буллинг ва табъиз<br>- Системаи дастгирии ҳолатҳои мушкил<br>- Қоидаҳои равшан ва роҳҳои ҳифз | - Коркарди нокифоя дар самти буллинг<br>- Ёрии равонии маҳдуд<br>- Огоҳии пасти хонандагон<br>- Мониторинги номусоидии бехатарӣ |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муҳити таълим ба сифати таълим таъсири мустақим мерасонад.** Амният, бароҳатӣ, дастрасии захираҳо ва ташкили муҳит дар раванди таълим нақши калидӣ мебозанд. Беҳтарсозии шароити таълимӣ ба рушди малакаҳои хонандагон мусоидат мекунад.
2. **Ҷиҳатҳои қавӣ бояд таҳким ёбанд, ҷиҳатҳои заиф бартараф карда шаванд.** Таҳлил имкон медиҳад, ки ҳалли самаранок (масалан, минтақаҳои бароҳат, мавҷудияти фазоҳои интерактивӣ) ва ҷанбаҳои мушкил (камбуди минтақаҳои мутобиқшаванда, таҷҳизоти кӯҳна), ки ниёз ба беҳбудӣ доранд, муайян карда шаванд.
3. **Гуногунӣ ва ҳамфаъолии муҳити таълим — кафолати самара.** Муҳитҳо, ки кори гурӯҳӣ, фаъолияти лоиҳавӣ ва худифодакунии эҷодиро дастгирӣ мекунанд, ба омӯзиши бештари самаранок мусоидат мекунанд. Муҳим аст, ки имконияти тағйири онҳо ба ниёзҳои хонандагон ба назар гирифта шавад.
4. **Ташхис ва мониторинг ба рушди муҳити таълимӣ кумак мекунанд.** Таҳлили мунтазами муҳит бо истифодаи, варақаҳои назоратӣ харитаҳои ташхисӣ ва мушоҳидаҳо имкон медиҳад, ки мушкилот сари вақт муайян ва беҳбудӣ ворид карда шавад, ки муассисаро бештар мутобиқшаванда ва самаранок мегардонад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Саволҳо барои баррасӣ:**

1. Чӣ гуна тасаввури шумо дар бораи муҳити таълими муассиса пас аз таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф тағйир ёфт?
2. Кадом идея ё мушоҳида ба назари шумо барои татбиқ дар амал бештар муфид аст?
3. Дар вақти муҳокима чӣ шуморо ба ҳайрат овард ё ба андеша водор кард? Чаро?
4. Кадом мушкилот метавонанд ҳангоми беҳтар кардани муҳити муассиса пайдо шаванд? Чӣ гуна онҳоро бартараф кардан мумкин аст?
5. Кадом воситаҳои ташхисро барои таҳлили минбаъдаи фазои муассисавӣ истифода мебурдед?

👉 ***Шакли кор:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё баррасӣ дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳии амалияи худ**

1. **Таҳлили усулҳои ташхисии худ**
   - Кадом воситаҳои ташхис барои дарки муҳити муассисаӣ бештар муфид буданд?
   - Кадом усулҳо худро нокифоя нишон доданд ва чаро?

2. **Арзёбии тағйироти воридшуда**
   - Кадом тағйирот дар асоси таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф ворид карда шуданд?
   - Шароити таълим то чӣ андоза беҳтар шуд?

3. **Рефлексия ва хулосаҳо**
   - Дар раванди кор, муносибати шумо ба таҳлили муҳити таълим чӣ гуна тағйир ёфт?
   - Кадом идеяҳо бештар арзишманд ва татбиқшаванда буданд?

4. **Қадамҳои минбаъда**
   - Кадом самтҳо ба таҳқиқ ё беҳбудии минбаъда ниёз доранд?
   - Кадом воситаҳои нави ташхисиро мехоҳед ҷорӣ кунед?
   - Барои рушди минбаъдаи амалияи худ кадом захираҳо лозиманд?

👉 ***Шакли кор:*** *ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**III. Гузариш ба амал**

1. **Муайян кардани самтҳои афзалиятнок**

- Кадом мушкилот ба мудохилаи фаврӣ ниёз доранд?
- Кадом ҷиҳатҳои қавиро метавон таҳким бахшид ва барои рушди раванди таълим истифода кард?

2. **Тартиб додани нақшаи амал**
   - Кадом воситаҳо ва усулҳоро барои беҳтар кардани муҳит истифода бурдан мумкин аст?
   - Кӣ барои татбиқи тағйирот масъул хоҳад буд?
   - Кадом захираҳо лозиманд?
3. **Татбиқи тағйирот**
   - Марҳилаҳои татбиқро муайян кунед, мӯҳлатҳо ва нуқтаҳои назоратро муқаррар кунед.
   - Бо омӯзгорон ва хонандагон баррасӣ гузаронед, онҳоро ба раванд ҷалб кунед.
   - Мониторинг ва арзёбии самаранокии тағйиротро оғоз кунед.
4. **Арзёбӣ ва ислоҳ**
   - Натиҷаҳои аввалия чӣ гунаанд?
   - Барои баланд бардоштани самаранокии тағйироти воридшуда кадом ислоҳот лозиманд?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳи 1.2**

**1. Мафҳумҳоро бо тавсифи онҳо мувофиқ намоед**

| Мафҳумҳо | Тавсифҳо |
|---|---|
| 1. Тағйирпазирии фазои таълим | а)) Ҷанбаҳои муваффақи муҳити муассисавӣ, ки бояд таҳким ёбанд |
| 2. Ташхиси муҳити муассиса | с) Имконияти навсозии муҳит барои қонеъ кардани ниёзҳои гуногуни таълимӣ |
| 3. Ҷиҳатҳои қавии муҳити муассиса | b Истифодаи воситаҳо барои муайян кардани мушкилот ва ворид кардани беҳбудӣ |
| 1 - , 2- , 3- . 4- | |

**2. Дарёфти ғалат**

**Дар ҷумлаи зерин ғалат мавҷуд аст.** Ғалатро қайд ва ислоҳ кунед:

«Ҷиҳатҳои заифи муҳити муассисавӣ метавонанд нодида гирифта шаванд, зеро онҳо ба раванди таълим таъсир намерасонанд.»

**3. Такмили таъриф**

Ҷумлаи зеринро бо калима ё ибораи дуруст пур кунед: «Ташхиси муҳити муассисавӣ истифодаи ________________________________, барои сари вақт муайян кардани мушкилот ва ёфтани роҳҳои ҳалли онҳоро дар бар мегирад.»

**4. Интихоби ҷавоби дуруст**

Кадом аз омилҳои зерин ба ташкили муҳити самараноки муассисавӣ бештар мусоидат мекунад?

а) Таҷҳизоти кӯҳна
b) Гуногунии муҳит
c) Нодида гирифтани ҷиҳатҳои заиф
d) Набудани минтақаҳо барои кори гурӯҳӣ

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Таҳлили муҳити таълимии муассисаи худ дар соҳаи муайян
2. Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва мусбии масъалаи интихобии ҳалталаб



## МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1**

Ҷадвалро пур карда, тарафҳои қавӣ ва заифи такмили ихтисоси омӯзгоронро таҳлил кунед.

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

*Кори гурӯҳӣ: Дар гурӯҳҳо тарфҳои мусбӣ ва заифии муассисаи таълимии худро таҳлил кунед.*

Гурӯҳи 1. Ҳамкорӣ байни омӯзгорон ва хонандагон
Гурӯҳи 2. Фарҳанг ва арзишҳои муассисаи таълимӣ
Гурӯҳи 3. Нақши волидон дар ҳаёти муассиса
Гурӯҳи 4. Сатҳи ҳамкорӣ, дӯстӣ, низоъҳо байни хонандагон
Гурӯҳи 5. Пайвандии муассисаи таълимӣ бо ҷомеаи беруна

**Ҷадвал барои таҳлил**

| | SWOT- таҳлил | Омилҳои дохилӣ | |
|---|---|---|---|
| | | **Тарафҳои мусбӣ** | **Тарафҳои манфӣ** |
| Омилҳои берунӣ | **Имкониятҳо** | | |
| | **Хатарҳо** | | |
| | | | |

# МАВЗУИ 3

## Тартиби беҳсозӣ: тағйироти хурд, тарҳрезии гурӯҳӣ ва ташаббусҳои муассисавӣ

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Нақши тағйирот дар рушди муҳити таълимӣ ва фарҳанги муассиса
- Мафҳумҳо тағйироти хурд, лоиҳакашии гурӯҳӣ**,** ташаббусҳои ҷомеаи муассисавӣ**.**
- Тафовутҳо байни тағйироти ҷузъӣ ва тағйироти низомӣ (системавӣ).
- Шароити мусоид барои беҳбудии муваффақ: эътимод**,** ҷалб**,** дастрасии захираҳо
- Хатарҳо ва монеаҳо ҳангоми татбиқи тағйирот, стратегияҳои бартараф кардани муқовимат

**Чиро бояд тавонем?**

- Муайян кардани минтақаҳои рушд бо такя ба таҳлили муҳити таълим
- Нақшагирӣ ва татбиқи тағйироти хурд: фаврӣ, сарфакорона бо натиҷаи мушоҳидашаванда
- Ташкили лоиҳакашии гурӯҳӣ: фасилитатсияи баррасӣ, ташкили гурӯҳҳо, тақсимоти вазифаҳо
- Илҳомбахшӣ ва дастгирии ташаббусҳои муассиса: ҳавасмандкунӣ, эътирофи оммавӣ, эҷоди шароити мусоид барои татбиқ

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

1. Кадом тағйироти хурд метавонанд дар муассисаи шумо таъсири мусбии фаврӣ дошта бошанд?
2. Чӣ гуна лоиҳакашии гурӯҳӣ бо назардошти мақом ва нақшҳои гуногун **да**р гурӯҳ бояд ташкил шавад?
3. Кадом **шароитҳо** барои рушди **ташаббусҳо аз тарафи хонандагон, омӯзгорон ва волидон** заруранд?

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. **Нақш ва намудҳои механизмҳои** беҳбудии муҳити таълим, фарқ кардани тағйироти хурд аз лоиҳаҳои дастаҷамъона ва ташаббусҳои ҷомеаро фаҳмед.
2. **Таҳлили шароити** зарурӣ барои оғоз кардани тағйирот, аз ҷумла эътимод, сатҳи иштироки фаъол, дастрасии захираҳо ва устувории қарорҳо.
3. **Арзёбии афзалиятҳо** ва хатари равишҳои гуногун, интихоби стратегияҳои самараноки идоракунӣ бо назардошти мазмуни муассисаи таълимӣ.

# Муқаддима

**Беҳтарсозии муҳити таълим на ҳамеша як ислоҳоти васеъмиқёс аст.** Аксар вақт, роҳ ба сӯйи тағйироти босифат аз қадамҳои хурд, вале ҳадафманд оғоз меёбад. Маҳз чунин равишҳои идоракунӣ, ба монанди тағйироти хурд, **лоиҳакашии гурӯҳӣ** ва **ташаббусҳои муассисавӣ** имкон медиҳанд, ки равандҳои тағйирот бо иштироки ҳамаи аъзои ҷомеаи муассиса ба роҳ монда шаванд.

**Тағйироти хурд** — ин амалҳои камхарҷанд, ки дар сурати татбиқи дуруст метавонанд ба **муҳит, ташкили фазо ва сатҳи иштироки хонандагон таъсири назаррас** расонанд. Онҳо тағйирпазиранд, зуд татбиқ мешаванд ва барои мутобиқшавӣ ба шароити ҷории муассиса мувофиқанд.

**Лоиҳакашии гурӯҳӣ** иштирокро аз тарафи омӯзгорон, хонандагон ва маъмурият дар раванди таҳияи тағйирот дар бар мегирад. Ин равиш **эътимодро таҳким мебахшад, масъулиятро боло мебарад** ва қарорҳои устувортареро дар асоси ниёзҳои воқеӣ тавлид мекунад.

**Ташаббусҳои муассисавӣ** — шакли фаъолият «аз поён» мебошад, вақте ки **идеяҳо ва пешниҳодҳо аз тарафи хонандагон, волидон ё омӯзгорон** сар мезананд. Дастгирӣ ва ҳамгироии онҳо ба ҳаёти муассиса **фарҳанги кушодагӣ, мустақилият ва ҳамкориро ташаккул медиҳад.**

Дар доираи ин мавзуъ иштирокчиён бо **мисолҳои таҷрибаи муваффақ**, **воситаҳои татбиқ** ва **стратегияҳои дастгирии иштирок,** шинос мешаванд. Ҳадаф — **омӯхтани роҳандозии тағйиротҳоест**, ки муҳити таълимро **бароҳаттар, мувофиқ ва рушддиҳанда** мегардонанд.

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Механизмҳои беҳбудӣ** — ин амалҳо, равандҳо ё усулҳо ҳастанд, ки ба тағйир ва рушди муҳити таълим дар муассиса равона шудаанд. Онҳо метавонанд хурд бошанд ё муназам, инчунин метавонанд қарорҳои инфиродӣ ё кӯшишҳои дастаҷамъонаро дар бар гиранд.

**Тағйироти хурд** — қадамҳои хурди идоракунии ё ташкилианд, ки бо суръат ва бо хароҷоти кам татбиқ мешаванд, вале таъсири мусбии намоён мегузоранд (масалан, тағйири ҷойи нишаст, афзудани сабзкориҳо, тахтаи электронии нав.

**Лоиҳакашии гурӯҳӣ**— банақшагирии муштарак ва татбиқи тағйирот бо иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор (омӯзгорон, хонандагон, волидон, маъмурият). Ин равиш **сатҳи ҷалб, масъулият ва устувории қарорҳоро** баланд мебардорад.

**Ташаббусҳои муассисавӣ** — пешниҳодҳо ва амалҳоест, ки аз ҷониби аъзоёни ҷомеаи муассиса (аксаран «аз поён») сар мезананд ва ба **тағйир додани муҳит, фарҳанг ё равандҳои муассиса** равона мешаванд. **Дастгирии онҳо** ба рушди мустақилият, ангезиш ва ҳамкорӣ мусоидат мекунад.

**Тағйироти устувор** — тағйиротҳое мебошанд, ки бо мурури замон нигоҳ дошта шуда рушд меёбанд, зеро аз ҷониби ҷомеа қабул шудаанд ва ба амалия ҳамгиро гардидаанд.



## АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ
**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Ба саволҳо ҷавоби хаттӣ нависед:**
- Тағйироти хурд чистанд ва чаро онҳо барои рушди муассиса муҳимманд?
- Чӣ гуна барои лоиҳакашии гурӯҳӣ ба беҳтарсозии муҳити таълим мусоидат мекунад?
- Шумо кадом мисолҳои ташаббусҳои муассисавиро оварда метавонед?

**Супориши 2. Дуруст / нодуруст**
Нишон диҳед «дуруст» ё «нодуруст»:
- Тағйироти хурд хароҷоти зиёди молиявиро талаб мекунад.
- Лоиҳакашии гурӯҳӣ иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдорро дар назар дорад (омӯзгорон, хонандагон, волидон, маъмурият).
- Ташаббусҳои муассисавӣ танҳо бо дастури роҳбарият пайдо мешаванд.

**Супориши 3.** Мафҳумро бо тавсифаш пайваст кунед

| Мафҳум | Тавсиф |
|---|---|
| 1. Тағйиротҳои хурд | а) идеяҳои хонандагон ва омӯзгорон барои беҳтар кардани муассиса |
| 2. Лоиҳакашии дастаҷамъона | б) беҳбудиҳои хурде, ки метавон зуд татбиқ кард |
| 3. Ташаббусҳои муассисавӣ | с) раванди эҷоди муштараки қарорҳо |
| **1….., 2….., 3……** | |

**Саволҳо барои фаъолсозии таҷрибаи директорон:**

1. Шумо кадом тағйироти хурдро дар идоракунии муассиса татбиқ кардаед? Натиҷа чӣ гуна буд?
2. Оё ҳолатҳое буданд, ки муҳокимаи гурӯҳӣ ба беҳтарсозии муҳити муассиса мусоидат кард? Чӣ беҳтар кор кард?
3. Шумо кадом ташаббусҳои хонандагон ё омӯзгоронро дастгирӣ кардаед? Онҳо ба муассиса чӣ гуна таъсир расонданд?

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 5.3-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 5.3. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.3**

**«Барои доштани оянда, бояд омодаи анҷом додани коре нав буд.»**
*Питер Друкер — назарияпардози менеҷменти асри XX*

**Ҳар гуна муҳити таълим ба рушд ниёз дорад.** Аммо ислоҳоти калон вақт ва захираҳои зиёдро талаб мекунанд, дар ҳоле ки **тағйироти хурд** ё ислоҳоти хурд ва ҳадафманд мебошанд, ки метавонанд зуд ва бидуни хароҷоти зиёд амалӣ шаванд. Онҳо таъсири ҷамъшаванда доранд ва ба беҳбудии устувор оварда мерасонанд.

**Лоиҳакашии дастаҷамъона** ба пайдо кардани беҳтарин ҳалли масъала мусоидат мекунад, зеро кӯшиши омӯзгорон, хонандагон ва волидонро муттаҳид мекунад.

**Ташаббусҳои муассисавӣ** — ин идея ва лоиҳаҳое ҳастанд, ки аз ҷониби хонандагон, омӯзгорон ё ҷомеа пешкаш мешаванд ва ба рушди муассиса равона шудаанд. Онҳо фарҳанги ҳамкорӣ, мустақилият ва иштирок дар идоракуниро ташаккул медиҳанд.

Ин механизмҳо ба муассиса имкон медиҳанд, ки **тавассути равандҳои эволютсионӣ**, на инқилобӣ рушд намоянд — бо таъмини **беҳтарсозии пайвастаи муҳити таълимӣ ва сифати таълим.**

### *1. ТАҒЙИРОТИ ХУРД ДАР МУАССИСА: МУШАХХАС КАРДАНИ ОБЪЕКТҲО ВА СУБЪЕКТҲО*

***Объектҳои тағйироти хурд (чӣ тағйир меёбад?)***

1. **Равандҳои ташкилӣ:**
   - Тағйироти ҷадвали дарсҳо барои тақсимоти сарборӣ
   - Ҷорӣ намудани шаклҳои нав барои ҳамкорӣ байни омӯзгорон (роҳнамоӣ, мубодилаи таҷриба)
   - Беҳтарсозии системаи равобити мутақобила байни омӯзгорон ва хонандагон
2. **Муҳити ҷисмонӣ:**
   - Ҷойгиркунии маводди таълимӣ ва таҷҳизот барои осонӣ ва дастрасӣ
   - Ташкили минтақаҳо барои кори инфиродӣ ва муҳокимаҳои гурӯҳӣ
   - Навсозии ороиши визуалии синфхонаҳо барои баланд бардоштани ангезиши хонандагон
3. **Технологияҳои таълимӣ:**
   - Истифодаи усулҳои интерактивии таълим (кейсҳо, баҳсҳо, лоиҳаҳо)
   - Истифодаи воситаҳои рақамӣ барои ташхиси дониш ва сатҳи иштироки хонандагон
   - Ҷорӣ намудани равияҳои инфиродии таълим бо назардошти манфиатҳои хонандагон

***Субъектҳои тағйироти хурд (ки ташаббус мегирад ва амалӣ мекунад?)***

1. **Директорон ва маъмурият:**
   - Ҳадафҳои стратегӣ барои беҳтарсозии муҳити таълимро муайян мекунанд;
   - Баррасии дастаҷамъонаи тағйиротро бо омӯзгорон ташкил мекунанд;
   - Шароити татбиқи тағйиротро фароҳам меоранд (захираҳо, дастгирӣ)

2. **Омӯзгорон:**
   - Усулҳои таълими навро истифода мебаранд ва ба раванд мутобиқ мекунанд;
   - Тағйироти хурдеро оғоз мекунанд, ки сифати таълимро баланд мебардорад;
   - Барои такмил додани равиши таълим бо хонандагон ҳамкорӣ мекунанд.
3. **Хонандагон:**
   - Идеяҳое пешниҳод мекунанд, ки ҳаёти муассисавиро беҳтар месозанд (масалан, ташкили муҳит)
   - Дар раванди таълим тавассути иштирок дар лоиҳаҳои дастаҷамъона ҷалб мешаванд
4. **Волидон ва ҷомеа:**
   - Бо маъмурият дар мавриди дастгирии ташаббусҳо ҳамкорӣ мекунанд;
   - Пешниҳодҳо дар бораи беҳтарсозии шароити таълим ва тарбия медиҳанд;
   - Дар чорабиниҳои муассисавӣ иштирок мекунанд, робитаи муассиса ва оиларо таҳким мебахшанд.

**Мисолҳои тағйироти хурд дар муассисаҳо**

***1. Беҳтарсозии ҷадвали дарсҳо барои осонии хонандагон***

**Вазъият:** Омӯзгорон ва хонандагон шикоят мекарданд, ки дарсҳои фанҳои душвор пай дар пай гузаронида шудаанд, ки боиси хастагӣ мегардад.

**Тағйироти хурд:** Маъмурияти муассиса корҳои зеринро барои таҳияи ҷадвали оптималии дарсҳо анҷом дод:

- Гурӯҳбандии фанҳо вобаста ба душвории омӯзиши онҳо;
- Тақсимоти дарсҳо ба вақтҳои самаранок ва баръакс дар давоми рӯз;
- Ҷудо кардани вақтҳои мусоид ва каммусоид барои азхудкунии маводди таълимӣ;
- Омӯзиши омилҳои иловагӣ, ба монанди ҳаҷми вазифаҳои хонагӣ, шароити моддӣ ва техникӣ (истифодаи кабинетҳои махсус, толори варзишӣ, устохона, синфи компютерӣ);
- Риояи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки фаъолияти муассисаи таълимӣ ва дигар ҷанбаҳоро танзим мекунанд.

Дар натиҷаи таҳлили ин шароитҳо ҷадвали мувофиқи дарсҳо таҳия карда шуд ва дараҷаи мутобиқатии он бо истифодаи ҷадвали махсус санҷида шуд.

**Натиҷа: Таваҷҷуҳи диққати хонандагон баланд шуд, хастагӣ коҳиш ёфт.**

***2. Ташкили омӯзиши усулҳои фаъоли таълим барои омӯзгорон дар муассиса***

**Вазъият:** Омӯзгорон дар дарсҳо усулҳои ҳамфаъоли таълимро истифода намебаранд.

**Тағйироти хурд:** Маъмурияти муассиса дар давоми 15 рӯз ин масъаларо омӯхта, бо истифодаи усулҳои баҳс ва муҳокимаи гурӯҳӣ дар шурои педагогӣ сабабҳои мушкилотро муайян кард. Барои ҳалли он тағйироти зерин ба нақшаи кори шурои методии муассиса ворид карда шуданд:

- Ташкили тренинг барои омӯзгорон дар давраи таътили зимистона;
- Ворид кардани тағйирот ба нақшаҳои иттиҳодияҳои методӣ, ки ба омӯзиш ва татбиқи усулҳои фаъоли таълим вобастаанд;
- Гузаронидани мастер-классҳо ва дарсҳои намунавии омӯзгорони пешсаф дар ин самт;
- Ташкили озмуни «Беҳтарин таҷрибаи татбиқи усулҳои фаъоли таълим».

**Натиҷа:** Дар як чоряки таҳсил нишондиҳандаҳои омӯзгорон дар истифодаи усулҳои фаъоли таълим аз сатҳи паст ба сатҳи миёна баланд шуданд.

**3. Татбиқи салоҳиятҳои асосӣ (калидӣ, 4К+)**

**Мушкилот:** Дар муассиса фикррони интиқодӣ, муоширати, ҳамкорӣ, эҷодкорӣ ва маҳорати омӯхтан (салоҳиятҳои 4К+) ба таври кофӣ ҳамгиро нашудаанд.

**Тағйироти хурд:** Илова кардани саволҳои рефлексивӣ ба ҳар як дарс (масалан, «Чӣ гуна ин донишро дар амал татбиқ кардан мумкин аст?»).

**Натиҷа:** Муҳокимаҳои хонандагон амиқтар мешаванд, фикррониии интиқодӣ рушд мекунад.

**4. Усули ҳамгироӣ дар таълим**

**Мушкилот:** Омӯзгорон фанҳоро ба таври ҷудогона таълим медиҳанд, бе ҳамгироии дохили фаннӣ ва байнифанӣ

**Тағйироти хурд:** Ҷорӣ намудани дарсҳои ҳамгиро (масалан, математика + география, биология + экология).

**Натиҷа:** Хонандагон беҳтар пайвастагии донишҳоро мефаҳманд, мавод амалӣ мегардад.

## *2. ЛОИҲАКАШӢ ҲАМЧУН МЕХАНИЗМИ БЕҲБУДӢ*

**Лоиҳакашӣ** — ин банақшагирии огоҳонаи тағйирот мебошад, ки ба рушди муҳити таълим равона шудааст. Он ба пайдо кардани ҳалли мувофиқ, истифодаи захираҳои дастаҷамъӣ ва устувор намудани беҳбудиҳо мусоидат мекунад.

Дар раванди лоиҳакашии муҳити таълим муҳим аст, ки ҳам унсурҳои объектӣ ва ҳам субъектӣ ба назар гирифта шаванд. Онҳо муҳит, методика ва фарҳанги таълимро ташаккул медиҳанд, ки рушди самараноки салоҳиятҳои асосиро таъмин менамоянд.

**1. Кадом объектҳо ва субъектҳои муҳити таълимро метавон тавассути лоиҳакашӣ беҳтар кард?**

**1. Объектҳои муҳити таълим (қисмҳои физикӣ):**

- **Муҳити физикӣ:** меъмории муассиса, кабинетҳо, синфхонаҳо, лабораторияҳо, минтақаҳои истироҳат.
- **Таҷҳизот:** тахтаҳои интерактивӣ, компютерҳо, китобҳо, таҷҳизоти лабораторӣ.

**Инфрасохтори технологӣ:** платформаҳо барои омӯзиши онлайн, системаҳои мониторинги салоҳиятҳо, воситаҳои таҳлилӣ (масалан, Power BI, (таҳлили маълумот ва визуализатсия) Trello (идоракунии лоиҳа ва вазифаҳо).

- **Амният ва бароҳатӣ:** эргономикаи фазо, равшанӣ, назорати иқлим, раҳгирии (изолятсияи) садо.

**2. Субъектҳои муҳити таълим (иштирокчиён ва нақшҳои онҳо):**

- **Хонандагон:** ниёзҳо, услубҳои таълим, ангеза, ҷалбшавӣ ба лоиҳакашӣ.
- **Омӯзгорон:** методикаҳои таълим, воситаҳои ташхис, рушди касбӣ.
- **Маъмурият:** идоракунии раванди таълим, банақшагирии стратегӣ, ҳамгироии ислоҳоти таълимӣ.
- **Волидон ва ҷомеа:** дастгирии таълим, иштирок дар лоиҳаҳои муштарак, ташаккули фарҳанги таълимӣ.

**Намудҳои асосии муҳити педагогӣ, ки тавассути лоиҳакашӣ таҳия ва беҳтар карда мешаванд:**

**1. Муҳити ҳамкорӣ ва омӯзиши якҷоя**

- Минтақаҳои тағйирпазир (чандир) барои кори гурӯҳӣ, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва ҳалли мушкилоти муштарак.
- Усулҳои интерактивӣ: баҳсҳо, моделсозӣ, усулҳои кейс.
- Ҷалби хонандагон ба раванди қабули қарорҳо ва сохтани марҳилаи таълимӣ.

**2. Муҳити рушди фикррониии интиқодӣ ва эҷодӣ**

- Моделҳои таълимии мушкилотӣ (проблемавӣ).
- Истифодаи фаъоли таксономияи Блум барои рушди мантиқ, таҳлил ва синтези дониш.
- Истифодаи стратегияҳои саволҳои кушода ва клубҳои баҳс.

***3. Муҳити педагогии рақамӣ***

- Ҳамгироии захираҳои онлайн ва платформаҳо барои таълим (Google Classroom, Moodle).
- Воситаҳои таҳлилӣ барои мониторинги рушди салоҳиятҳо (Power BI).
- Имконияти ҳамкории фосилавӣ ва мубодилаи маводди таълимӣ.

***4. Муҳити ҳавасманкунанада ва бароҳати равонӣ***

- Ҳамгироии унсурҳои дастгирии таълимӣ ва роҳнамоӣ.
- Муҳити дастгирикунанда, ки ба таҳкими мусбат ва равишҳои инфиродӣ асос ёфтааст.
- Минтақаҳои истироҳат, муҳитҳои ҳискунанда ва системаҳои дастгирии равонӣ.

**Мисолҳои лоиҳакашӣ дар муассисаҳо**

**Лоиҳа: «Муҳити тағйирпазир (чандир) барои таълим»**

**Мушкилот:** Синфхонаҳо барои шаклҳои гуногуни дарсҳо (кори гурӯҳӣ, таълими инфиродӣ) мутобиқ нестанд.

**Ҳалли масъала:** Лоиҳа оид ба тағйири ташкили муҳит — минтақаҳои мобилӣ, мебелҳои модулӣ, лоиҳаҳои интерактивӣ.

**Натиҷа:** Хонандагон озодона байни кори инфиродӣ ва дастаҷамъӣ гузариш мекунанд, таваҷҷуҳ (консентратсия) беҳтар мешавад.

***Лоиҳа: «Рушди саводнокии функсионалӣ»***

**Мушкилот:** Хонандагон назарияро медонанд, аммо онро дар ҳолатҳои воқеӣ татбиқ намекунанд.

**Ҳалли масъала:** Ҷорӣ намудани сенарияҳои таълимӣ, ки ҳолатҳои зиндагиро модел мекунанд (масалан, идоракунии буҷет, таҳлили иттилоот).

**Натиҷа:** Сифати таълим баланд мешавад, малакаҳои фикрронии интиқодӣ рушд мекунанд.

***Кори гурӯҳӣ. Дар гурӯҳо лоиҳаи муассисавии масъалаи ҳалталаби муассисаи таълимии худро тартиб диҳед.***

**Гурӯҳи 1.** Ташаккули салоҳиятҳои калидии хонандагон тавассути дарсҳои тарбиявӣ ва усулҳои фаъоли гузаронидани онҳо.

**Гурӯҳи 2**. Баланд бардоштани сатҳи тахассусии омӯзгорон дар дохили муассиса тавассути технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ.

**Гурӯҳи 3**. Ҷорӣ намудани барномаҳои дастгирии равонӣ пешгирии стресс ва низоъҳо миёни хонандагон.

**Гурӯҳи 4.** Эҷоди муҳити таълим барои кӯдакони дорои имкониятҳои махсус.

**Гурӯҳи 5**. Ташаккули фарҳанги муассиса ҳамчун омили ҳамкорӣ барои рушди он.

***Мубоҳисаи умумӣ***

**1. Саволҳо барои баррасӣ**:

1. Кадом ташаббусҳо дар муассисаи шумо татбиқ шуда буданд? Кӣ ташаббускори онҳо буд?
2. Оё дар нақшаи стратегии шумо барои ҳамин сол ва оянда ягон ташаббусҳо пешбинӣ шудаанд?
3. Ба назари шумо, кадом чораҳоро метавон тавассути ташаббусҳои муассиса ва волидон барои беҳтар кардани муҳити таълим амалӣ кард?

**2. Мисолҳои ташаббусҳо барои таҳкими муҳити таълим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон 11 стратегия, консепсия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф амалӣ шуда истодаанд, ки ба рушди соҳаи маориф ва ислоҳоти он равона шудаанд. Ҳаҷми маблағгузорӣ 4,6 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

2. **Таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ):** Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ЮНИСЕФ ва Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати эҷоди муҳити таълимии дастрас барои ҳамаи хонандагон, аз ҷумла кӯдакони дорои эҳтиёҷоти махсус, кор бурда истодааст.







Ташаббусҳои хайриявии **Фонди «Музаффар»** лоиҳаҳоро оид ба таъмир ва муосиргардонии муассисаҳо, беҳтар намудани шароити санитарӣ ва дастгирии оилаҳои камбизоат амалӣ менамояд.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Тағйироти хурд - т**ағйироти ночиз дар раванди таълим метавонанд ба беҳбудиҳои назаррас оварда расонанд, агар онҳо ба таври систематикӣ татбиқ шаванд.

2. **Беҳбудиҳои дохилӣ -**беҳтарсозии инфрасохтор, тағйир додани усулҳои таълим ва мутобиқ кардани муҳит ба эҳтиёҷоти хонандагон шароитро барои таълими самаранок фароҳам месозад.

3. **Лоиҳакашии дастаҷамъӣ -** иштироки якҷояи хонандагон, омӯзгорон ва маъмурият дар таҳияи муҳити таълим мақсаднокӣ ва ҷолибияти онро баланд мебардорад.

4. **Ташхиси муҳит- т**аҳлили эҳтиёҷот ва истифодаи воситаҳои рақамӣ (Miro, Trello, Google Forms) лоиҳакаширо дақиқ ва ҷандир месозад.

5. **Ташаббусҳои муассисавӣ -** иштироки фаъолонаи хонандагон дар раванди идоракунии муассиса ба рушди сифатҳои роҳбарӣ ва масъулияти иҷтимоӣ мусоидат мекунад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. **Ман чиро омӯхтам?**
   - Кадом принсипҳои тағйироти хурд метавонанд воқеан ба раванди таълим таъсир расонанд?
   - Чӣ гуна лоиҳакашии дастаҷамъона ба эҷоди муҳити самараноктар мусоидат мекунад?
   - Кадом ташаббусҳои муассисавӣ худро ҳамчун самараноктарин нишон додаанд?
2. **Чӣ маро ба ҳайрат овард ё диққатамро ҷалб кард?**
   - Кадом идеяҳо ғайриинтизор ё махсусан муфид буданд?
   - Кадом мисолҳои татбиқи ташаббусҳо ба пайдо кардани андешаҳои нав илҳом бахшиданд?
3. **Ман чиро метавонам дар амал татбиқ намоям?**
   - Кадом методикаҳои лоиҳакашии дастаҷамъона метавонанд дар муассисаи ман мутобиқ гарданд?
   - Чӣ гуна метавон тағйироти хурдро бо захираҳои кам оғоз кард?
   - Кадом ташаббусҳои муассисавӣ метавонанд ба низоми таълим ҳамгиро карда шаванд?
4. **Кадом душвориҳо метавонанд ба вуҷуд оянд?**
   - Дар ҷараёни татбиқи беҳбудиҳо бо кадом монеаҳо рӯ ба рӯ шудан мумкин аст?
   - Чӣ гуна метавон иштирокчиёни раванди таълимро ба фаъолияти фаъол ташвиқ кард?
   - Кадом стратегияҳо барои муқобила бо муқовимат ба тағйирот кумак мерасонанд?
5. **Кадом идеяҳои нав ба вуҷуд омаданд?**
   - Кадом самтҳоро бояд минбаъд рушд дод?
   - Чӣ гуна метавон ҳамкории байни субъектҳои муҳити таълимро тақвият бахшид?
   - Кадом воситаҳои рақамӣ метавонанд раванди беҳбудии муассисаро дастгирӣ кунанд?

👉 *Шакли кор: ҷавобҳои хаттӣ ё муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳии амалияи худ**

1. **Чиро тавонистам амалӣ кунам?**
   - Кадом метод ва равишҳо натиҷаи беҳтарин доданд?
   - Кадом механизмҳои омӯхташудаи беҳбудӣ аллакай дар амалия татбиқ шудаанд?
2. **Чӣ ба такмил ниёз дорад?**
   - Дар ҷараёни татбиқи тағйироти хурд, лоиҳакашии дастаҷамъона ё ташаббусҳои муассисавӣ кадом мушкилиҳо ба вуҷуд омаданд?
   - Кадом воситаҳо ва захираҳоро барои беҳтар кардани натиҷаҳо истифода бурдан мумкин аст?
3. **Кадом малакаҳоро тавонистам инкишоф диҳам?**
   - Дар раванди кор чӣ навигариҳо омӯхта шуданд?
   - Кадом салоҳиятҳо қавитар шуданд ва кадомҳо ба рушди минбаъда ниёз доранд?
4. **Кадом идеяҳо барои оянда пайдо шуданд?**
   - Кадом ташаббусҳои навро метавон оғоз кард?
   - Чӣ гуна метавон фаъолияти худро такмил дод?

👉 *Шакли кор: қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

**III. Гузариш ба амал**

1. **Муайян кардани самтҳои асосӣ**
   - Кадом тағйироти хурдро аллакай ҳозир татбиқ кардан мумкин аст?
   - Кадом лоиҳаҳои дастаҷамъона бояд оғоз шаванд? — Кадом ташаббусҳои муассисавиро метавон дастгирӣ ва рушд дод?
2. **Нақшаи амал**
   - Нақшаи қадам ба қадам барои татбиқи тағйирот дар амалияи таълимии худро тартиб диҳед.
   - Захираҳоеро муайян кунед, ки метавонанд кумак расонанд: воситаҳо, шарикон, маблағгузорӣ.
   - Меъёрҳои муваффақиятро таҳия кунед, то натиҷаҳоро пайгирӣ кунед.
3. **Ҷалби иштирокчиён**
   - Чӣ гуна метавон омӯзгорон, хонандагон ва маъмуриятро ба тағйирот ташвиқ кард?
   - Кадом шаклҳои ҳамкорӣ (семинари омӯзишӣ, муҳокимаҳо, лоиҳаҳои санҷишӣ) метавонанд истифода шаванд?
4. **Арзёбӣ ва ислоҳ**
   - Муҳим аст, ки ташхиси муҳит гузаронида шавад ва фикру мулоҳизаҳо ҷамъоварӣ карда шаванд.
   - Фаъолиятҳоро дар асоси маълумот ва мушоҳидаҳои воқеӣ ислоҳ кунед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 1.2**

**1. Пайдо намудани ғалат:**

Матнро хонед ва ғалатро, агар бошад, ислоҳ кунед.

Матн: «Тағйиротҳои хурд талаботи молиявии зиёд доранд ва ҳамеша бо лоиҳаҳои бузург алоқаманданд».

**2. Такмили таъриф:** Ҷойҳои холиро дар таъриф пур кунед. Таъриф: Лоиҳакашии дастаҷамъона — ин равандест, ки дар он ____________________, ____________ иштирок мекунанд ва барои эҷоди муҳити таълимии функсионалӣ ва ҷолибтар____________________.

**3. Кадоме аз изҳороти зерин ба** тағйиротҳои хурд **дахл доранд?** Ҳама ҷавобҳои дурустро интихоб кунед.

a) Тағйироти ночиз, ки метавонанд ба беҳбудиҳои назаррас оварда расонанд.
b) Талаботи молиявии зиёд ва нақшакашии дарозмуддатро талаб мекунанд.
c) Тағйироти маҳаллӣ, ки ба мутобиқ кардани муҳити таълимӣ ба ниёзҳои хонандагон равона шудаанд.
d) Ҳамеша бо татбиқи технологияҳои рақамӣ алоқаманданд.

**4. Лоиҳакашии дастаҷамъона чиро дар бар мегирад?** Ҳама ҷавобҳои дурустро интихоб кунед.

a) Танҳо иштироки маъмурияти муассиса дар таҳияи муҳити таълимӣ.
b) Коркарди муштараки хонандагон, омӯзгорон ва маъмурият.
c) Истифодаи воситаҳои рақамӣ барои таҳлил ва лоиҳакашӣ.
d) Истисно кардани хонандагон аз раванди қабули қарорҳо.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Истифода бурдани усулҳои рушди салоҳиятҳои калидӣ.
2. Таҳияи воситаҳо барои ташхиси равиши ҳамаҷонибаи рушди салоҳиятҳои калидӣ.

### МАШҒУЛИЯТИ МАЛӢ: АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Кори амалии 1.** Як ташаббуси муассисавиро барои беҳтар намудани муҳити таълим интихоб намуда, нақшабандӣ кунед.

**Сохтори супориш**

**1. Интихоби минтақа вобаста ба тағйирот**

- Як минтақаи муҳити муассисаро муайян кунед (фазои ҷисмонӣ, услуби ҳамкорӣ, равандҳои ташкилии идоракунӣ).
- Интихоби худро кӯтоҳ шарҳ диҳед, бо такя ба натиҷаҳои ташхис ё мушоҳидаҳо.

**2. Ба тартиб овардани ҳадафи беҳбудӣ**

- Чӣ гуна тағйиротро мехоҳед амалӣ кунед?
- Кадом таъсирҳои мусбӣ хонандагон ва омӯзгоронро интизор аст?

**3. Намуди ҳал**

- Нишон диҳед, ки кадом шакли беҳбудиро истифода мебаред:
- Тағйироти хурд (микротағйирот),
- Лоиҳакашии дастаҷамъона,
- Ташаббуси ҷомеаи муассисавӣ.

**4. Нақшаи татбиқ**

- Марҳилаҳо ва қадамҳо;
- Иштирокчиён (ки иштирок мекунад ва чӣ нақш дорад);
- Захираҳои зарурӣ;
- Мӯҳлатҳои интизоршаванда ва меъёрҳои муваффақият.

**5. Стратегияҳои ҷалб**

- Чӣ гуна шумо хонандагон, омӯзгорон ё волидонро ҷалб мекунед?
- Кадом шаклҳои бозгашти иттилоотӣ (feedback) ба нақша гирифта шудаанд?

**6. Пешниҳоди лоиҳа**

- Нақшаро ба ҳамкорон пешниҳод кунед (забонӣ ё хаттӣ);
- Шарҳҳо ва идеяҳоро барои такмил гиред.

# МАВЗУИ 4

## Идоракунии таъмини мақсаднок, бехатар ва кушоди муҳити физикии муассиса

**Чиро донистан муҳим аст?**

- Таъсири муҳити физикӣ ба ҳолати эҳсосӣ, рафтор ва муваффақиятҳои академии хонандагон.
- Талаботи меъёрӣ оид ба бехатарӣ ва шароити санитарӣ.
- Раҳёфти эҷоди муҳити фарогир ва дӯстона барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим.
- Нақши тарҳи синфхонаҳо дар дастгирии шаклҳои гуногуни таълим (фардӣ, гурӯҳӣ, фаъол).

**Чиро бояд тавонем?**

- Таҳлили инфрасохтори муассиса аз нуқтаи назари мутобиқати он ба вазифаҳои таълимӣ ва равонӣ-педагогӣ.
- Ташкили истифодаи бехатар ва мутобиқатии муҳит (роҳҳои ҳаракат, минтақаҳои фаъолият, гӯшаҳои танҳоӣ).
- Истифодаи воситаҳои арзёбӣ ва ташхиси муҳити физикӣ (варақаҳои назоратӣ, мушоҳидаҳо, пурсишҳо).
- Ҷалби хонандагон, омӯзгорон ва волидон ба баррасӣ ва беҳтар кардани муҳит.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Кадом унсурҳои муҳити муассиса ба ҳолати равонии хонандагон бештар таъсир мерасонанд?
- Чӣ гуна метавон кушодагии муҳитро бо талаботи бехатарӣ мутобиқ кард?
- Кадом амалҳо барои мутобиқ кардани муҳити муассиса ба синну сол ва ниёзҳои гуногун кумак мекунанд?
- Дар тарҳрезии муҳит барои таълими фарогир кадом хусусиятҳоро бояд ба назар гирифт?
- Чӣ гуна метавон ҷомеаи муассисавиро ба нигоҳдорӣ ва рушди муҳити физикӣ ҷалб кард?

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз омӯзиши мавзуъ шумо метавонед:

1. **Дарк кардани аҳамияти** муҳити физикӣ барои таълим,
2. бехатарӣ ва фарогир.
3. **Маҳорати таҳлили муҳити** муассиса ва муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи он.
4. **Пешниҳоди ҳалли амалӣ** барои мутобиқсозӣ ва беҳтар кардани муҳит бо дарназардошти захираҳо.
5. **Ташкили иштироки омӯзгорон**, хонандагон ва волидон дар рушди инфрасохтори муассисаи таълимӣ.

## Муқаддима

Муҳити физикии муассиса ин на танҳо деворҳо, мебел ва долонҳо аст. Ин як иштирокчии фаъоли раванди таълим мебошад, ки метавонад рушди хонандагонро дастгирӣ кунад ё, баръакс, маҳдуд созад.

Аз тарзи ташкил кардани муҳити бароҳатӣ, бехатарӣ, имконияти ҳамкорӣ ва худ ифодакунии шахс вобаста аст.

Равиши муосир ба инфрасохтори муассисаӣ талаб мекунад, ки он мутобиқ ва ҳадафи худ, чандир, кушода ва ғамхор нисбат ба муҳити эмотсионалӣ бошад.

Идоракунии чунин муҳит ин вазифаи стратегӣ аст, ки қарорҳои меъморӣ, ҳадафҳои педагогӣ ва манфиатҳои тамоми ҷомеаи муассисавиро муттаҳид мекунад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муҳити физикии муассиса ҳама чизҳои моддӣ, ки хонандагонро дар муассиса иҳота мекунанд: синфхонаҳо, мебел, равшанӣ, долонҳо, минтақаҳои истироҳат.** Он муҳити таълимро ташкил мекунад ва ба рафтор таъсир мерасонад.

**Амалкард (функсионалӣ)-** маънои онро дорад, ки муҳит бояд ба ҳадафҳои таълимӣ хизмат кунад: дастгирии шаклҳои гуногуни машғулиятҳо — фардӣ, гурӯҳӣ, эҷодӣ.

**Бехатарӣ** -меъёрҳои санитарӣ, роҳҳои баромади оташнишонӣ, ҳаракати озод ва ҳифз аз ҷароҳатҳо ё низоъҳоро дар бар мегирад.

**Дастрасии муҳит** — ин дастрасии ҳамаи минтақаҳо барои хонандагон, шаффофияти марзҳо ва мавҷудияти имкониятҳо барои муошират ва худифодакунии шахс мебошад.

**Инфрасохтори муассиса -** меъморӣ, воситаҳои техникӣ, минтақаҳои таълим, ҳаракат ва истироҳатро дар бар мегирад — ҳама чизҳое, ки бояд раванди таълимро дастгирӣ кунанд.

**Минтақаҳои фаъолият** — ин ҷойҳо барои ҳаракат, бозиҳо, эҷодкорӣ ва ҳамкории байни хонандагон мебошанд.

**Минтақаҳои танҳоӣ** — ин фазоҳои хурд мебошанд, ки дар он хонанда метавонад истироҳат кунад, диққаташро ҷамъ кунад ё эҳсосоти худро барқарор намояд.

**Тағйирпазирии (Чандирии) муҳит** — имконияти тағйир додани муҳит барои вазифаҳои гуногун: тағйири ҷойгиркунии мебел, ташкил кардани минтақаи нав, истифодаи деворҳои мобилӣ.

**Фарогирӣ** — қобилияти муҳит ҷиҳати бароҳат ва дастрас будан барои ҳамаи хонандагон, аз ҷумла кӯдакони дорои имконияташон махсус.

**Тағйироти хурд,** — беҳбудиҳои хурди муҳит, ки хароҷоти зиёдро талаб намекунанд: илова кардани рангҳо, тақсимоти минтақаҳо, насби нишонаҳо ва аломатҳои бароҳат.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Дарк кардан, ки муҳити муассисавӣ ба таълим ва ҳолати равонии хонандагон чӣ гуна таъсир мерасонад.
2. Принсипҳои асосии ташкил: функсионалӣ, бехатарӣ, дастрасиро донистан.
3. Минтақаҳои фаъолиятро фарқ карда, бо талаботи меъёрӣ ва хусусиятҳои асосии инфрасохтори муассисавӣ шинос шудан.



### АЗ МИСОЛҲОИ ОДӢ ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**Вазифаҳо барои санҷиши дониши ибтидоӣ**

**1. Шумо чиро медонед?**

- Се ҷанбаи асосиро номбар кунед, ки ба мутобиқатии (фукционалӣ) муҳити муассиса таъсир мерасонанд.
- Кадом чораҳои бехатарӣ бояд дар муҳити таълимӣ амалӣ шаванд?
- Шумо мафҳуми «кушодагӣ»-и муҳити муассисавиро чӣ гуна мефаҳмед?

| Изҳорот | Ҷавоб |
|---|---|
| 1. Муҳити муассиса бояд қатъиян ба минтақаҳои таълимӣ ва маъмурӣ тақсим карда шавад, минтақаҳои истироҳат бояд истисно шаванд. | ☐ Дуруст<br>☐ Нодуруст |
| 2. Бехатарии хонандагон танҳо аз инфрасохтори физикӣ вобаста аст, ҳолати равонӣ аҳамият надорад. | ☐ Дуруст<br>☐ Нодуруст |
| 3. Кушодагии муҳити муассиса маънои онро дорад, ки ҳар шахс метавонад бе маҳдудият ба бинои таълимӣ ворид шавад. | ☐ Дуруст<br>☐ Нодуруст |

**2. Мафҳмҳоро бо тавсиф мувофиқа кунед**

| Мафҳум | Тавсифи асосӣ |
|---|---|
| **Функсионалӣ (амалкард)** | Риояи меъёрҳо, эҷоди фазои бароҳат, коҳиши хавфҳо |
| **Бехатарӣ** | Минтақабандии самаранок, бароҳатии ҳаракат, мутобиқсозӣ ба ҳадафҳои таълимӣ |
| **Кушодагӣ** | Фарогир, дастрас, дастгирии ҳамкорӣ |

**Саволҳо барои баён кардани таҷрибаи директорон**

1. Кадом тағйиротҳо дар муҳити физикии муассисаи таълимии шумо барои баланд бардоштани бехатарии хонандагон амалӣ шудаанд?
2. Кадом принсипҳои минтақабандии фазоро шумо самараноктар мешуморед?
3. Дар муассисаи таълимии шумо кушодагии раванди таълим чӣ гуна амалӣ шудааст ва кадом амалияҳоро метавон беҳтар кард?

**Музокираи умумӣ. Моҳият ва асосҳои меъёрии муҳити физикии муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 5.4-ро бо диққат хонед, сипас сатҳи фаҳмиши худро тавассути варақаи санҷишии 5.4. санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 5.4**

### *1. МОҲИЯТ ВА АСОСҲОИ МЕЪЁРИИ МУҲИТИ ФИЗИКӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

Тибқи «Роҳнамо оид ба мониторинг ва арзёбии барномаҳои муассисавии ҳифзи саломатӣ», ки таҳти роҳбарии ЮНЕСКО таҳия шудааст, **муҳити муассиса ҳамчун «муҳити физикӣ бояд ҷойе бошад,** ки ба хонандагон хатар, бемории, осеби ҷисмонӣ ё ҷароҳат таҳдид накунад; дастрасӣ ба об таъмин бошад, шароити санитарии мувофиқ фароҳам бошад ва биноҳо (синфхонаҳо, ҳавлӣ, долонҳо ва ҳоҷатхонаҳо) бароҳат, боэътимод ва бехатар бошанд[3]».

**Муҳити муассиса** — ин на танҳо деворҳо ва синфхонаҳост. Он таҷрибаи ҳаррӯзаи хонандагонро ташаккул медиҳад, ба ангеза (ҳавасмандӣ) бароҳатӣ ва хоҳиши омӯзиши онҳо таъсир мерасонад. Муҳити дуруст ташкилшуда метавонад воситаи пурқуввати рушди салоҳиятҳо, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ гардад.

Чӣ гуна метавон тавозунро байни мутобиқ ба вазифаҳои муассиса, бехатарӣ ва кушодагӣ таъмин кард? Муҳим аст, ки эргономика (мутобиқ ба инсон), бароҳатӣ ва дастрасии фазо ба назар гирифта шавад, то шароите фароҳам гардад, ки ҳар хонанда худро боэътимод ва озод эҳсос кунад. Муҳит бояд на танҳо ташкилшуда ва бехатар, балки ҳавасмандкунанда буда омӯзиши фаъол, ҳамкорӣ ва мустақилиятро дастгирӣ кунад.

**Дар боби 4-и «Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Асосҳои ташаккули муҳити физикӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ” омадааст** “Муҳити физикӣ маҷмуи унсурҳои инфрасохторӣ бо шароитҳои мусоиди амалишавии раванди омӯзиш аст, ки бояд ба талаботи самаранокии амалкардӣ (функсионалӣ), иқлимиву табиӣ, дастрасӣ, бехатарӣ, солимиву созгорӣ ва фарогирӣ мувофиқ бошад. Шарту унсурҳои асосӣ дар ташаккули муҳити физикӣ инҳоянд:

- таъмини мувофиқати ҳаҷму андоза, тарҳу намуд ва конструктивии биноҳо ва иншооти муассисаҳои таълимӣ (инфрасохтор) ба меъёру талаботи муқарраршуда;
- афзалияти бехатариву устувории инфрасохтор нисбат ба офатҳои табиӣ;
- ҷавобгӯ будани бинову иншоотҳо ба таъсири тағйирёбии иқлим;
- кам кардани муассисаҳои таълимии бисёрбаста;
- ҷорӣ намудани стандартҳои марбут ба инфрасохтори рақамӣ дар муассисаҳои таълимӣ.

Муассисаҳои таълимии бехатар муҳите эҷод мекунанд, ки дар он хонандагон, омӯзгорон ва кормандони дигар худро на танҳо дар ҳолатҳои фавқулода, балки дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ низ бехатар эҳсос мекунанд.

Аз рӯйи ин таъриф метавон хулоса кард, ки пеш аз ҳама ин ба маҷмуи ашё ва объектҳои физикӣ дахл дорад, ки иштирокчиёни раванди таълими муассисавиро иҳота мекунанд.

Ин усул дар талаботи меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба биноҳои муассисаҳои таълимӣ пешниҳод мешаванд, инъикос ёфтааст.

---

[3] Руководство по мониторингу и оценке школьных программ охраны здоровья. Бюро ЮНЕСКО. - М., 2014 - С.49

**Ҷанбаҳои калидии амалкард (функсионалӣ):**

1. **Минтақакунонии муҳит** – тақсим кардани муҳит ба минтақаҳо мувофиқи мақсад: таълимӣ, истироҳатӣ, эҷодӣ, ҷойҳои кории инфиродӣ.
2. **Тағйирпазирӣ (Чандирӣ)** – имконияти тағйир додани фазо (мебел, деворҳои мобилӣ, тағйири тарҳбандии синфхонаҳо ва ғайра).
3. **Эргономика (мутобиқсозии муҳит, таҷҳизот ё корҳои корӣ)** – ташкили бароҳати ҷойҳои таълимӣ, мутобиқ ба қад ва синни хонандагон, равшанӣ ва шароити садоӣ (акустика).
4. **Дастрасӣ** – бароҳатии ҳаракат, роҳнамоӣ, муҳити бидуни монеа барои хонандагони дорои ниёзҳои махсус.
5. **Ҳамгироии технологияҳо** – муҷаҳҳаз кардани синфхонаҳо бо тахтаҳои интерактивӣ, планшетҳо, лабораторияҳои рақамӣ.

Муҳити амалкард (функсоналӣ) бояд ба раванди таълим хизмат кунад, омилҳои парешонкунандаро кам карда, шароити бароҳат барои ҳамкории хонандагон ва омӯзгорон фароҳам орад.

**Хониши мустақилона бо усули ИНСЕРТ** (✓ — аллакай медонам, +— маълумоти нав **–** — фикр мекардам, ки дигар хел аст? — нофаҳмо, зарурати тавзеҳот вуҷуд дорад

## 2. *МУҲИТИ ФИЗИКӢ АЗ РӮЙИ ҲУҶҶАТҲОИ МЕЪЁРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

Аз Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Боби 4, §13.

**Ташкили шабакаҳои муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва намудҳои он**

| Нишондиҳанда | Талабот ва меъёрҳо |
|---|---|
| **Ғунҷоиши муассисаҳо** | То 1200 хонанда; агар зиёд бошад — тарҳрезии маҷмуи биноҳо |
| **Шумораи хонандагон дар синфҳо** | То 24 нафар (синфҳои умумӣ), то 20 нафар (синфҳои болоӣ, гимназияҳо, литсейҳо) |
| **Шумора ҳангоми бозсозӣ** | То 30 нафар; масоҳат барои як хонанда — ҳадди ақал 1,8 м² |
| **Тақсимоти хонандагон аз рӯйи фанҳо** | Ба ду зергурӯҳ (забони хориҷӣ, технология, тарбияи ҷисмонӣ, информатика, илмҳои табиӣ) |
| **Тақсимоти иловагӣ дар литсейҳо ва гимназияҳо** | Ба зергурӯҳҳои иловагӣ барои корҳои амалӣ ва фаъолиятҳои гурӯҳӣ |
| **Тархрезии шабакаи биноҳо** | Таъмини таҳсил дар як навбат: 100% синфҳои ибтидоӣ ва миёна, 75% синфҳои болоӣ |
| **Дастрасии муассиса** | Пиёда — на бештар аз 0,5 км; нақлиёт: синфҳои ибтидоӣ — 10–15 дақиқа, миёна — 30 дақиқа, болоӣ — 45 дақиқа |

**Талаботи гигиенӣ ба муассисаҳои таълимии умумӣ ва махсус (СанПин 2.4.2 001-15)**
**§3. Талабот ба интихоби биноҳо**

| Параметр | Талабот ва меъёрҳо |
|---|---|
| **Шумораи хонандагон дар як синф** | На бештар аз 25–30 нафар |
| **Шумораи хонандагон дар синфҳо** | То 24 нафар (синфҳои умумӣ), то 20 нафар (синфҳои болоӣ, гимназияҳо, литсейҳо) |
| **Меъёри гигиении масоҳат барои як хонанда** | Синфҳои 1–4: 1.25 м²<br>Синфҳои 5–9: 1.5–2. м²<br>Синфҳои 10–11: 2.–3.м²<br>Масоҳати умумӣ: 50 м² |
| **Гардеробҳо** | Бояд дар ошёнаи якум ҷойгир шаванд; барои ҳар як синф ҷевончаи алоҳида дошта бошанд |
| **Лабораторияҳо** | Дар кабинетҳои химия, физика, биология ва синфхонаи компютерӣ ҳатман бояд бошанд |
| **Андозаи толорҳои варзишӣ** | 9×18 м, 12×24 м, 18×30 м; баландӣ — на камтар аз 6 м |

**Ҳаҷми мебел ва нишондоди ранга барои хонандагони аз 6-сола боло (ГОСТ 11015-93 / 11016-93)**

| Гурӯҳи қад (см) | Баландии миз (см) | Баландии курсӣ (см) | Ранги нишондод |
|---|---|---|---|
| 135–160 | 64 | 38 | Сурх |
| 160–175 | 70 | 42 | Сабз |
| Аз 175 боло | 76 | 46 | Кабуд |

**Андозаи мизу курсӣ барои хонандагони аз 6-сола боло**

| № мебел | Ранги нишондод | Қади хонанда (см) | Баландии миз (см) | Баландии курсӣ (см) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Норинҷӣ | 110–115 | 48 | 28 |
| 2 | Бунафш | 115–130 | 54 | 32 |
| 3 | Зардчатоб | 130–145 | 60 | 36 |

**§4. Талабот ба таҷҳизонидани утоқҳо, синфхонаҳо ва кабинетҳо**
(Аз СанПин 2.4.2 001-15)

| № | Мавқеи ҷойгиршавӣ | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| а | Фосила байни қаторҳои мизҳои якҷоя | на камтар аз 50 см |
| б | Фосила байни қаторҳои мизҳои дуҷоя | на камтар аз 60 см |
| в | Аз девори берунӣ то қатори аввали мизҳо | 60–70 см |
| г | Аз девори дохилӣ то қатори сеюми мизҳо | 50–70 см |
| д | Аз девори қафо то мизҳо | 70 см – 1 м |
| е | Аз мизи намоишӣ то тахтаи таълимӣ | на камтар аз 100 см |
| ё | Аз партаи аввал то тахтаи таълимӣ | 2,40 – 2,70 м |
| ж | Фосила байни қаторҳои мебел дар лабораторияҳо | 1 м |
| | Фосила дар кабинетҳои расмкашӣ ва накщакашӣ | 70 см |
| з | Баландии овезиши тахта аз фарш: синфҳои 1–4 / синфҳои 5–11 | 85 см / 95 см |
| и | Тахтаи деворӣ бо дарозии 3–3,5 м ва паҳнои 1,2 м дар маркази девори пеши синф ҷойгир карда мешавад | — |
| й | Масофаи максималӣ аз ҷойи охирин то тахтаи таълимӣ | 8,6 м |
| к | Дар лабораторияҳо мизҳо дар ду қатор гузошта мешаванд | — |
| | Фосила дар кабинетҳои расмкашӣ ва нақшакашӣ | 1 м / 70 см |
| л | Дар лабораторияҳо ва кабинетҳои технологияи махсус мизи омӯзгор дар баландӣ ҷойгир мешавад | баландии 15–30 см |

**§5. Талабот ба ҳуҷраҳо, утоқҳои кор, синфхонаҳо, кабинетҳо ва таҷҳизоти муассисаҳои таълимии умумӣ, ки дар биноИ мутобиққардашуда ҷойгиранд**

| № | Мавқеи ҷойгиршавӣ | Меъёрҳо |
|---|---|---|
| 1 | Утоқҳои ошхона ё буфет бояд дар ошёнаи якум ҷойгир шаванд ва дари алоҳида барои баромад дошта бошанд | — |
| 2 | Толори варзишӣ ё физкултурӣ бояд дар ошёнаи якум ҷойгир ва аз синфхонаҳо, утоқи кории омӯзгор ва утоқи тиббӣ дур бошад | — |
| 3 | Пункти тиббӣ бояд дар ошёнаи якум ҷойгир шуда, мевари муҳофизатӣ (изолятор) ва утоқи муолиҷавиро дар бар гирад | — |
| 4 | Ҳангоми таҷҳизонидани синфхонаҳо бояд андозаҳои зерин риоя шаванд: | |
| 5 | Фосила байни қаторҳои мизҳои дуҷоя | на камтар аз 60 см |
| б | Фосила байни қаторҳои мизҳо ва деворҳои берунӣ ва дохилӣ | на камтар аз 50 см |
| 7 | Аз мизҳои охирин то девор (перегородка): муқобили тахтаи синфӣ — на камтар аз 70 см <br> Аз девори қафо (берунӣ) — на камтар аз 100 см | 70 см / 100 см |
| 8 | Аз мизи намоишӣ то тахтаи таълимӣ | на камтар аз 100 см |
| 9 | Аз партаи аввал то тахтаи таълимӣ | 2,4 – 2,7 м |
| 10 | Масофаи максималӣ аз ҷойи охирин то тахтаи таълимӣ | 8,6 м |
| 11 | Баландии канори поёнии тахтаи таълимӣ аз фарш | 80 – 90 см |
| 12 | Кунҷи биниши тахтаи синф: барои синфҳои миёна ва болоӣ — на камтар аз 35°, барои хонандагони 6–7 сола — на камтар аз 45° | |
| 13 | Тозакунии ҳаррӯзаи утоқҳо бо истифодаи воситаҳои шустушӯйӣ:<br>Синфхонаҳо, устохонаҳо ва кабинетҳои таълимӣ — пас аз анҷоми дарсҳо<br>Долонҳо ва минтақаҳо барои фароғат (рекреатсияҳо) — пас аз ҳар танаффус<br>Толорҳои бозӣ — дар охири рӯз<br>Толори хӯрокхӯрӣ — пас аз ҳар хӯрокхӯрӣ<br>Гардероб ва фойе — пас аз оғози дарсҳои ҳар навбат<br>Ҳоҷатхонаҳо — пас аз ҳар танаффус | |

**§8. Талабот ба равшании табиӣ ва сунъӣ дар муассисаҳои таълимии умумӣ**

| № | Талабот | Тавсиф |
|---|---|---|
| 132 | Равшании табиӣ | Дар ҳамаи утоқҳои таълимӣ бояд мавҷуд бошад. |
| 133 | Меъёрҳои **КЕО** | **КЕО** – 1,5% дар равшании паҳлуӣ (дар масофаи 1 м аз девори муқобили тиреза). |
| 134 | Якнавохтии равшанӣ | Коэффисиенти нобаробарӣ – на бештар аз 3:1. |
| 135 | Ҷойгиркунии маводҳо | Овезаҳо, деворномаҳо дар девори муқобили тахта, на баландтар аз 1,75 м. |
| 136 | Ҷойгиркунии гулҳои хонагӣ | Дар болои тиреза манъ аст; гулдонҳои 65–70 см истифода шаванд. |
| 137 | Ҳимояи тирезаҳое, ки равшанӣ медиҳанд | Жалюзи ё пардаҳои матоии равшан, мувофиқ ба тарҳи дохилӣ. |
| 138 | Пардаҳои манъшуда | Аз поливинилхлорид манъ аст. |
| 139 | Матои иҷозатшуда барои пардаҳо | Матои пахтагӣ (поплин, штапел, репс) бо хосияти хуби парокандасозии нур. |

| | | |
|---|---|---|
| 140 | Торик кардани кабинетҳо | Дар кабинетҳои физика, химия, кино — бе кам кардани равшанӣ; наклейка ва плёнка манъ аст. |
| 141 | Маводи ороишӣ | Тахтаҳои матнӣ, сабз ё қаҳваранги торик (коэффисиенти инъикос 0,2). |
| 142 | Ранги мизу курсӣ | Сабзчатоб, кабуд, чӯби табиӣ (коэффисиенти инъикос 0,5). |
| 143 | Ранги девор ва шифти синфхона | Шифт — сафед; деворҳо — зардчатоб, гулобӣ, кабуд (коэффисиенти инъикос ≥0,6–0,7). |
| 144 | Маҳдудиятҳои таъмир | Таъмири косметикӣ ва асосӣ дар ҳузури хонандагон манъ аст. |
| 145 | Тозакунии тирезаҳо | Аз дарун — 1–2 маротиба дар моҳ; аз берун — 3–4 маротиба дар сол. |
| 146 | Буридани шохаҳои дарахт | На наздиктар аз 10 м аз бино; шохаҳо ҳангоми зарурат кӯтоҳ карда мешаванд. |
| 147 | Меъёри равшанӣ | Бояд ба СНиП П-4-79 мувофиқ бошад. |
| 148 | Навъи лампаҳо | Лампаҳои люминесентӣ: ЛБ-18,24,36,40,80; ЛПО 02 – 2×40; ЛПО 46 – 4×18; ЛПО 28 – 2×40. |
| 149 | Лампаҳои нури доимӣ | Иҷозат дода шудаанд, вале равшанӣ 2 дараҷа кам мешавад. |
| 150 | Комбинатсияи манъшуда | Истифодаи лампаҳои люминесентӣ ва нури доимӣ якҷоя манъ аст. |
| 151 | Технологияҳои нав | Бо Госсанэпиднадзор мувофиқа бояд шавад. |
| 152 | Ҷойгиркунии чароғҳо | Лампаҳои люминесентӣ — параллел ба тиреза, 1,2 м аз девори берунӣ, 1,5 м аз дохилӣ. |
| 153 | Розетка ва калидҳо | Розетка — 1,5 м аз фарш; калид — 1,8 м. |
| 154 | Шумораи лампаҳо | 12 чароғи люминесентӣ барои 50 м² ё 7–8 лампаҳои нури доимӣ бо 250 Вт. |
| 155 | Тозакунии чароғҳо | 2 маротиба дар сол; лампаҳои сӯхтаро бояд иваз кард. |
| 156 | Амалҳои манъшуда | Хонандагон набояд чароғҳоро тоза ё иваз кунанд; ҷамъоварӣ ва баровардани лампаҳои вайрон ҳатмист. |

### *3. МИНТАҚАБАНДИИ ФАЗО*

Ҷудо кардани минтақаҳои дастрас: таълимӣ, таҳқиқотӣ, эҷодӣ ва минтақаи муошират. Истифодаи мебел бо чархҳо ё деворҳои мобилӣ барои тағйир додани тарҳбандии фазо. Ташкили гӯшаи кори мустақил, ҷойи бароҳат барои иҷрои вазифаҳои инфиродӣ.

**Рекреатсия** (ин муҳити муассисавӣ барои **истироҳат, муошират, омӯзиш ва фаъолиятҳои эҷодӣ**)

Рекреатсияҳо дар муассисаҳо — ин фазои муҳим мебошанд, ки метавонанд барои қонеъ кардани ниёзҳои муассиса истифода шаванд: ташкили минтақаҳои фаъол барои машқҳои ҷисмонӣ, бозиҳои фаъол ё минтақаҳои ором бо диванҳо, ки дар он ҷо метавон китоб хонд, вазифаҳои хонагӣ иҷро кард ё дарсҳоро дар муҳити ғайрирасмӣ гузаронд. Рекреатсияҳо инчунин метавонанд ҳамчун осорхонаи муассисавӣ, китобхона, минтақаи намоиши дастовардҳо ва нуқтаҳои ҷамъшавии маҳфилҳо ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ хизмат кунанд.

**Деворҳоро** барои ҷойгир кардани маълумоти муфид ва муошират байни хонандагон истифода баред: эълонҳо, композитсияҳои мавзуӣ, минтақаҳои намоишӣ бо корҳои хонандагон ва дастовардҳои онҳо.

Деворҳои долонҳоро набояд бо расмҳои хурди ноайён, иқтибосҳо ва дигар ороишоти зиёдатӣ пур кард. Ин гуна ороиш садои визуалӣ эҷод мекунад, ки метавонад сабаби асабоният гардад, махсусан барои шахсони дорои эҳтиёҷоти махсус. Масалан,

барои хонандагони дорои нуқси биноӣ, ороиши зиёдатӣ метавонад аз самти асосии ҳаракат парешон кунад ва ба ҳаракат халал расонад. Иқтибосҳо ва маълумоти таърихии муфидро беҳтар аст дар минтақаҳои махсус дар рекреатсияҳо ҷойгир кард ё девори алоҳидаро дар долон барои ин мақсад ҷудо намуд.

Минтақаҳои истироҳатро бо мебелҳои гуногун оро диҳед, то имкони интихоб фароҳам гардад: диванҳо, мизҳо, курсиҳо, пуфикҳо, гурӯҳҳои мебел барои ширкатҳои гуногун.







**Ороиши фарогир. Аҳамияти онро нависед**

1. ______________________________________________

2. ______________________________________________




**Ақидаҳои ҷолиб барои ороиши минтақаҳои муоширатӣ**

Барои ҷойгир кардани маълумот, корҳои хонандагон, маводи методӣ ва эълонҳо метавон аз сатҳҳои гуногун истифода бурд: **магнитӣ, грифелӣ, маркерӣ, пробкагӣ ва матоӣ**.

Бо ёрии онҳо дар рекреатсияҳо метавон **осорхонаи муассисавӣ**, **намоишгоҳҳои рӯйдодӣ**, **гӯшаи дастовардҳои хонандагон**, **аксҳо**, **табрикот** ва дигар шаклҳоро ташкил кард.

***Хонаи омӯзгорон***

Хонаи омӯзгорон — ин муҳитест барои **истироҳат ва будубоши омӯзгорон дар танаффусҳо**, инчунин **тайёрӣ ба дарси навбатӣ**, **гузаронидани машваратҳо ва чорабиниҳои корӣ**. Лоиҳаҳои пешрафтаи муассисаҳои муосир ба тарҳрезии хонаи омӯзгорон аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд, ҳамон тавре ки ба муҳити таълимии хонандагон.

**Хонаи омӯзгорон метавонад чунин минтақаҳоро дар бар гирад:**

1. Ҷойҳои кории фардӣ
2. Мизи умумӣ барои машваратҳо
3. Минтақаи истироҳат
4. Минтақаи хӯрокхӯрӣ (ошхона)
5. Минтақаи нигоҳдорӣ

**Намунаи таҷҳизонидани хонаи омӯзгорон бо усули нав.**



**Минтақабандии онро муайян кунед**

**Кабинети синфҳои ибтидоӣ**

Кабинетҳои синфҳои ибтидоӣ дар кабинети таълимии махсус, ки ба ҳар як синф вобаста шудаанд, ҷойгир карда мешаванд. Ба ин кабинетҳо талаботи махсус пешниҳод мегардад, зеро хонандагон дар онҳо қисми асосии вақти таълим ва истироҳатро мегузаронанд ва ашёи шахсии худро нигоҳ медоранд. Дар асл, кабинети синфҳои ибтидоӣ як муҳити универсалӣ мебошад, зеро дар он қариб ҳамаи фанҳои синфҳои ибтидоӣ гузаронида мешаванд.

**Ҳангоми таҷҳизонидани кабинет бояд ба нуқтаҳои зерин таваҷҷуҳ кард:**

Андозаи кофии утоқ барои тарҳбандии гуногуни минтақаи таълимӣ. Минтақаи кори гурӯҳӣ. Минтақаи истироҳат. Системаи инфиродии нигоҳдории маводи таълимӣ барои ҳар як хонанда. Мизҳои инфиродии ҳаракаткунанда барои сенарияҳои гуногуни таълим. Ҷойи кории пурра дар минтақаи омӯзгор. Таъмини ҷойи собит барои таҷҳизот (компютер, принтер). Мизи мобилӣ барои омӯзгор. Минтақаи коммуникатсионӣ (гӯшаи синфӣ).







**Кабинетҳои фанҳои гуманитарӣ**

Кабинетҳои фанҳои гуманитарӣ асосан кабинетҳое мебошанд, ки барои будубоши хонандагони синфҳои болоӣ (синфҳои 5–11) пешбинӣ шудаанд. Одатан, дар чунин синфҳо таълим тибқи **системаи синф-кабинетӣ** сурат мегирад.

Дар ин бахш **принсипҳои ташкили фазои ҳама гуна кабинетҳо** низ тавсиф ёфтаанд, ки барои **омӯзиши назариявӣ** дар доираи фанҳои **давраи табиӣ-илмӣ** истифода мешаванд.

Вобаста ба сохтори муассиса, кабинетҳо метавонанд:

- **Универсалӣ (шакли умумӣ)** бошанд — барои гузаронидани якчанд фанҳо;
- Ё **махсус** — ба як фан ё соҳаи муайян вобаста карда шаванд.





**Синфи универсалӣ (умумӣ) чист?**

Дар маънои умум, мафҳуми «синфи универсалӣ» ба **тафриқаи таълимӣ** дахл дорад: хонандагон фанҳои таълимиро дар сатҳи амиқ интихоб мекунанд, бо назардошти **манфиатҳои инфиродӣ**.

Дар ин мазмун — синфи универсалӣ ин **утоқи таълимии бисёрмақсадро** дар бар мегирад, ки бо **мебелҳои гуногун ва ҳаракаткунанда** муҷаҳҳаз шудааст. Ин имконият медиҳад, ки хонандагон **ҷойи таълимии фардии худро** интихоб кунанд ва омӯзгор **муҳити синфхонаро ба осонӣ мутобиқ** ба вазифаҳои таълимӣ тағйир диҳад.



**Кабинети фанҳои дақиқ**



**Равишҳои муосир дар омӯзиши гурӯҳи фанҳои табиӣ-математикӣ**

Равишҳои муосири таълим дар фанҳои табиӣ-математикӣ **дарбаргирии фаъолонаи хонандагон** тавассути машқҳои амалӣ, таҷрибаҳо ва озмоишҳо дар қолабҳои гуногунро пешбинӣ мекунанд. Барои ин, **таҷҳизоти муосир** (ноутбукҳо, лабораторияҳои рақамӣ) истифода мешаванд. Шаклҳои кор метавонанд чунин бошанд: **кори гурӯҳӣ ва дастаӣ, гурӯҳои хурд, лоиҳаҳои инфиродӣ ва таҳқиқот.**

**Кабинетҳои фанҳои табиӣ-математикӣ** бояд чунин имкониятҳоро фароҳам созанд. Дар онҳо бояд **минтақаҳои зерин** муайян карда шаванд:

- **Минтақаи таҷрибавӣ** — барои гузаронидани озмоишҳо ва таҷрибаҳо
- **Минтақаи гурӯҳӣ** — барои кори дастаӣ ва таҳлил (муҳокима)
- **Минтақаи инфиродӣ** — барои таҳқиқоти шахсӣ ва иҷрои вазифаҳо
- **Минтақаи омӯзгор** — барои идоракунии раванд ва дастрасӣ ба таҷҳизот

**Кабинетҳои компютерӣ**

Дар равандҳои муосири таълим компютерҳо метавонанд **на танҳо дар кабинетҳои информатика**, балки дар **ҳамаи фанҳо** истифода шаванд. Масалан, ҳар як кабинет метавонад ба **кабинети компютерии универсалӣ** табдил ёбад, агар бо ноутбукҳо ё компютерҳои шахсӣ муҷаҳҳаз гардад.

**Навъҳои кабинетҳои компютерӣ:**

- **Кабинетҳои махсус** — бо компютерҳои собит барои фанҳои муайян
- **Кабинетҳои универсалӣ** — барои гузаронидани дарсҳо дар фанҳои гуногун
- **Кабинетҳои омехта** — барои гузаронидани имтиҳонҳо, курсҳои иловагӣ ва лоиҳаҳо

**Имкониятҳо:** гузаронидани дарсҳои информатика, истифода дар фанҳои табиӣ, гуманитарӣ ва риёзӣ, ташкил кардани имтиҳонҳо ва курсҳои иловагӣ, дастгирии лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва омӯзиши мустақил





**Мебел**

**Тавсияҳои умумӣ.** Пеш аз интихоби мебел, бояд **тарҳбандии кабинетҳо бодиққат таҳия** карда шавад, то хатогӣ дар шумора, андоза ва хусусиятҳои техникӣ рух надиҳад. Хариди мебели нодуруст, ки ба равандҳои таълимӣ ва технологӣ мутобиқ нест, метавонад **монеаи ҷиддӣ** барои татбиқи самараноки раванди таълим гардад ва ҳатто хатарнок бошад. Барои пешгирӣ аз ин мушкилот, **нақшаи муфассали кабинетҳо бо таҷҳизот** кашед, шумораи зарурии **системаҳои нигоҳдорӣ** ва **конфигуратсияи мебелро** пешакӣ фикр кунед.

**Мизҳо ва курсиҳо**

Вобаста ба мақсади истифодаи мизҳо, чунин омилҳо муҳимманд:

- **Андоза**, **шакл**, **масолеҳи истеҳсол**, **имкониятҳои функсионалӣ** ва **эргономика (бароҳат, бехатар)**

**Масалан:**

- Оё миз **универсалӣ** барои назария ва амал истифода мешавад ё танҳо барои назария?
- Оё миз барои **таълим** аст ё барои **таҷҳизот**? Баъзе таҷҳизот, махсусан дар устохонаҳо, **мизҳои вазнин ва устуворро** (мисли верстак) талаб мекунанд.
- Агар миз барои таҷҳизот бошад, кадом таҷҳизот пешбинӣ шудааст ва оё **ҷойи иловагӣ** барои маҳсулот, масолеҳи истифодашаванда ва **ҷойи оператор** лозим аст?
- Барои **мизҳои корӣ дар устохонаҳо** бояд андоза, масолеҳи рӯйи миз ва таҷҳизоти иловагӣ ба назар гирифта шавад (пӯшиши антистатикӣ, равшанӣ, розеткаҳои рӯимизӣ, вентилятсия ва лавозимоти дигар).

**Курсӣ.** Курсӣ ва мизҳо бояд ба намуди раванди таълим мутобиқат кунанд



**Сатҳҳои муоширатӣ (хаттӣ)**

Барои ҷойгир кардани маълумот, корҳои хонандагон, маводди методӣ ва эълонҳо метавон аз **сатҳҳои гуногуни коммуникатсионӣ** истифода бурд:

- **магнитӣ**
- **грифелӣ**
- **маркерӣ**
- **пробкагӣ**
- **матоӣ (фетрӣ)**

Инчунин метавон **шабакаҳои деворӣ** аз **матоъ ё металл** истифода кард. Дар онҳо маводро бо **кишпакҳо ё зажимҳо** ба осонӣ мустаҳкам кардан мумкин аст.

Ба ҷойи **стендҳои тайёри ороишӣ**, истифодаи чунин сатҳҳо беҳтар аст — онҳо имконият медиҳанд, ки **маводи нодир ва аслии таълимӣ** эҷод карда шавад ва **хонандагон дар раванди эҷод** фаъолона иштирок кунанд.






| Мисолҳои қарорҳои номуваффақ | Мисоли қарори муваффақ |
|---|---|
| **Овезаҳои тайёри ороишӣ** садои визуалӣ эҷод мекунанд ва диққати хонандагонро аз муҳимтарин чиз — **маълумот** — дур месозанд. Беҳтар аст, ки муассиса бо **сатҳҳои гуногун** муҷаҳҳаз карда шавад, то **на омӯзгорон ва на хонандагон** маҳдуд набошанд ва тавонанд **стендҳоро ба таври мустақилона** ва мувофиқи завқи худ оро диҳанд. | Истифодаи **сатҳҳои гуногун** барои мустаҳкам кардани эълонҳо, расмҳо ва аксҳо. **Ороиши мустақили стенд**, бахшида ба мавзуъҳои ватани маҳбуб, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ғайра, имконият медиҳад, ки хонандагон **маводро эҷод кунанд ва онро мувофиқи завқи худ оро диҳанд**. Ин равиш **саҳмгузории хонандагонро дар раванди таълим ва ҳаёти муассисаи таълимӣ** бештар мекунад. |

**Аёниятҳои полиграфӣ**

Маводи методие, ки **дизайни хеле дурахшон**, **маълумоти зиёдатӣ** ва **ороиши нолозим** дорад истифода набояд кард. Ороиши зиёдатӣ диққатро аз **маълумоти муҳим** дур мекунад ва **садои визуалӣ** эҷод менамояд.

Ҳамаи маводди таълимиро беҳтар аст, ки **дар сатҳҳои магнитӣ** (тахтаҳо, деворҳо) ҷойгир кунед, на дар **чорчӯбаҳои собит**. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки **маводи методиро ба осонӣ иваз кунанд** ва онро бо маводи **актуалӣ** навсозӣ намоянд.

**Мисоли қарори муваффақ**

Истифодаи **заминаи якранг** ва **набудани ороиши нолозим**, ки ба **маълумоти асосӣ** иртибот надорад — чунин тарҳ **диққати хонандагонро ба муҳтавои муҳим равона мекунад** ва **муҳити таълимиро ором ва самаранок** нигоҳ медорад.










**Навигатсия (самтёбӣ, ҳаракат ва нишонаҳои он) дар муассисаи таълимӣ**

Дар ҳар як муассисаи таълимӣ бояд **системаи навигатсияи фаҳмо** мавҷуд бошад, ки ба хонандагон, омӯзгорон ва меҳмонон имкон диҳад, ки **бароҳат равона шаванд ва ҳаракат кунанд**. Тарҳрезии навигатсияи босифат, махсусан дар муассисаи калони таълимӣ бо сохтори мураккаб, кори осон нест ва беҳтар аст онро ба **ороишгарҳои махсусгардонидашуда** супурд.

Барои фаҳмиши умумӣ, таҳияи супориш барои ороишгарон ё навсозии навигатсия, метавонед аз тавсияҳои зерин истифода баред:

**Тавсияҳо барои таҳияи навигатсия**

- **Аз лавҳаҳои умумӣ истифода набаред.** Ҳар як муассисаи таълимӣ хусусиятҳои худро дорад, ва лавҳаҳои умумӣ наметавонанд системаи самтёбӣ (навигатсия)-и фаҳморо таъмин кунанд.
- **Системаи навигатсия бояд инфиродӣ бошад.** Он вобаста аст ба андоза, сохтор ва тарҳбандии бино. Аммо метавон чанд сатҳи асосии навигатсияро ҷудо кард, ки дар аксари муассисаҳо заруранд:
  1. **Нақшаи умумии ҷойгиршавӣ** ё рӯйхати ошёнаҳо
  2. **Нақшаи ошёнаҳо** ё рӯйхати утоқҳо, кабинетҳо
  3. **Нишондиҳандаҳо** (тирчаи роҳ роҳнамоҳо)
  4. **Аломатҳо ва лавҳача** (аломати огоҳкунанда, номгузории кабинетҳо)

- **Навигатсия бояд сода ва осонхон бошад.** Аз ороиши зиёдатӣ ва шрифтҳои мураккаб худдорӣ намоед.
- **Лавҳачаҳоро дар як баландии муайян**, аз як тарафи дар ҷойгир кунед. Ҳамаи аломатҳо бояд дар **як услуб ва мантиқ** тарҳрезӣ шаванд.

**Идоракунии муҳити физикии муассиса: амният**

Идоракунии муҳити физикии муассисаи таълимӣ ва таъмини амният яке аз **ҷанбаҳои калидии раванди таълимӣ** мебошад, ки ба **бароҳатӣ, саломатӣ ва самаранокии омӯзиш** таъсири мустақим мерасонад.






## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**1. Амалнокии (функсионали) фазо**
- **Таъмини шароити бароҳат барои таълим**, бо назардошти ниёзҳои хонандагон ва омӯзгорон
- **Инфраструктураи тағйирпазир**: имкони тағйир додани тарҳбандии утоқҳо барои фаъолиятҳои гуногун
- **Дастрасии таҷҳизот ва технологияҳо**, ки раванди таълимро дастгирӣ мекунанд

**2. Амният (бехатарӣ)**
- **Мутобиқат ба меъёрҳои амниятӣ**: амнияти зидди сӯхтор, устувории сохтмонҳо, системаҳои назорати видеоӣ
- **Ташкили минтақаҳои ҳаракат ва истироҳати бехатар** барои хонандагон
- **Ҳифзи маълумоти шахсӣ ва назорати дастрасӣ** ба муассиса

**3. Дастрасии фазо**
- **Эҷоди муҳити мусоид**, ки ба ҳамкорӣ ва муошират мусоидат мекунад
- **Дастрасии утоқҳо, кабинетҳои муассисавӣ** барои гузаронидани чорабиниҳои берун аз дарс ва вохӯриҳои ҷамъиятӣ
- **Рушди робитаҳои муассиса бо ҷомеаи маҳаллӣ** тавассути ҳалли меъморӣ ва технологӣ

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Муҳити физикии муассиса чӣ гуна ба сифати таълим ва муоширати хонандагон таъсир мерасонад? Кадом унсурҳо муҳимтар мебошанд?
2. Кадом принсипҳои бехатариро бояд ҳангоми тарроҳии муҳити муассиса ба назар гирифт, то фазои бароҳат ва ҳифзшуда эҷод гардад?
3. Чӣ гуна метавон амалкарди муҳитро таъмин кард, то он ба шаклҳои гуногуни таълим мутобиқ ва тағйирпазир (чандир) боқӣ монад?
4. Кадом стратегияҳо метавонанд муҳити муассисаро барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим кушода ва дастрас гардонанд?
5. Чӣ гуна метавон технологияҳои инноватсионӣ ё унсурҳои табииро ба муҳити муассиса ворид кард, то самаранокӣ ва фазои он беҳтар гардад?

*Шакли кор: қайдҳои фардӣ + мубодилаи дунафарӣ*

**II. Худбаҳодиҳии амалияи шахсӣ**

1. **Арзёбии мутобиқат ба ҳадафҳо ва вазифаҳо**
   - То чӣ андоза амалияи шумо ба стандартҳо ва талаботи таълимӣ мутобиқат мекунад?
   - Дар кадом самтҳои калидӣ натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шуданд?
2. **Таҳлили самаранокии усулҳо**
   - Кадом усулҳо самараноктар кор мекунанд?
   - Кадом абзорҳо ба шумо дар мутобиқсозии таълим ба ниёзҳои хонандагон кумак мерасонанд?
3. **Инъикос дар бораи муошират бо хонандагон**
   - Дараҷаи муошират ва иштироки хонандагон чӣ гуна аст?
   - То чӣ андоза муҳити бароҳат ва ҳавасмандкунанда ташкил шудааст?
4. **Муайян кардани минтақаҳои рушд**
   - Кадом ҷанбаҳо ниёз ба такмил ё бозбинӣ доранд?
   - Кадом равишҳои навро метавон барои беҳтар кардани натиҷаҳо ворид кард?
5. **Нақшаи амалҳои минбаъда**
   - Кадом қадамҳо метавонанд сифати раванди таълимро баланд бардоранд?
   - Чӣ гуна метавон технологияҳои муосирро барои рушди амалияи шахсӣ истифода бурд?

*Шакли кор: қайдҳои инфиродӣ + мубодила дар ҷуфтҳо*

---

**III. Гузариш ба амал**

1. **Ташхиси ҳолати ҷорӣ**
   - Тафтиши муҳити муассисаро гузаронед, минтақаҳои мушкилро муайян кунед.
   - Вазифаҳои минтақаҳоро арзёбӣ кунед: синфхонаҳо, ҷойҳои истироҳат, шароити санитарӣ.
   - Мутобиқат ба меъёрҳои СанПиН-ро санҷед: равшанӣ, ҳавотозакунӣ (вентилятсия), амнияти зидди сӯхтор.
2. **Нақшаи тағйирот**
   - Роҳҳои ҳаракати бароҳатро пешбинӣ кунед, фазоҳои таблидидиҳанда ташкил намоед.
   - Роҳҳои амниятро таҳия кунед (нишондиҳандаҳо, минтақаҳои таҳлия, назорати дастрасӣ).
   - Моделҳои ҳамкории кушодаро ворид кунед, минтақаҳои бисёрвазифавиро муттаҳид намоед (муҳит барои муошират, кори гурӯҳӣ).
3. **Татбиқи тағйирот**
   - Фазоҳои муассисаро бо назардошти тағйирпазирӣ, эргономика ва бароҳатӣ бозсозӣ кунед.

- Шароити амнро таъмин намоед (масолеҳи устувор, назорати сифати ҳаво ва равшанӣ).
- Муҳити бароҳат эҷод кунед, аз рангҳо ва унсурҳои табиӣ барои беҳтар кардани дарки фазо истифода баред.

4. **Мониторинг ва мутобиқсозӣ**
   - Системаи фикру мулоҳизаҳоро ворид кунед: анкета барои хонандагон ва омӯзгорон, таҳлили самаранокии тағйирот.
   - **Абзорҳои рақамии мониторингро** истифода кунед (Google Forms, Trello, Power BI).
   - Муҳим аст, ки муҳитро ташхис кунед ва фикру мулоҳизаҳоро ҷамъоварӣ намоед.

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳии 4.2**

**Супориши 1: Мафҳумро бо тавсифаш мутобиқ кунед. Рақами тавсифро дар назди мафҳум нависед.**

| | |
|---|---|
| 1. **Амал кард (Функсионалӣ)** | А Эҷоди шароити бароҳат барои раванди таълим, тағйирпазирии (чандирии) инфрасохтор. |
| 2. **Бехатар** | В) Рушди робитаҳои муассиса бо ҷомеаи маҳаллӣ ва дастрасии ҷойҳо барои чорабиниҳои ҷамъиятӣ. |
| 3. **Кушода** | С) Мутобиқат ба меъёрҳои амнияти зидди сӯхтор, назорати видеоӣ, минтақаҳои амн барои хонандагон. |
| 1….. , 2…… , 3…… | |

**Супориши 2: Хатогиро дар изҳоротҳо ёбед. Изҳороти нодурустро бо аломати «✕» ишора кунед.**

А) Муҳити муассиса имкони табдили утоқҳо ва кабинетҳоро дар назар дорад.
В) Амнияти муҳити муассисавӣ муҳофизати маълумоти шахсӣ ва назорати дастрасиро дар бар мегирад.
С) Кушодагии фазои муассисаӣ маънои маҳдуд кардани дастрасии шахсони бегона мебошад.

**Супориши 3: Таърифро пур кунед. Калимаҳои мувофиқро ҷойгузин намоед.**

Амнияти муҳити муассисавӣ дар бар мегирад__________________________ хонандагон, риояи ____________________ ва насби ___________________________________

**Супориши 4: Ҷавоби дурустро интихоб кунед**

**Кадом хусусият ба принсипи функсионалии муҳити муассисавӣ таалluқ дорад?**

А) Ташкили минтақаҳои ҳаракати бехатар
В) Чандирии инфрасохтор барои намудҳои гуногуни фаъолият
С) Насби системаҳои назорати видеоӣ
D) Дастрасии утоқҳо барои чорабиниҳои ҷамъиятӣ

**Супориши 5: Ҷавоби дурустро интихоб кунед**

Кадом хусусият ба принсипи кушодагии муҳити муассисаӣ таалluқ надорад?

А) Дастрасии утоқҳо барои чорабиниҳои ҷамъиятӣ
В) Рушди робитаҳои муассиса бо ҷомеаи маҳаллӣ
С) Насби садодиҳии зидди сӯхтор
D) Эҷоди муҳити мусоид барои муошират ва ҳамкорӣ

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

**1. Таҳияи низомномаи муҳити муассисаи таълимӣ**

**МАШҒУЛИЯТИ АМАЛӢ:** АЗ МУШОҲИДА БА АМАЛ

**Машғулияти амалии 1**

Таҳияи низомномаи муҳити муассисаи таълимӣ

1. Омӯзиш (таълим)
2. Бехатарӣ
3. Кушод ва фарогир
4. Бароҳатии эмотсионалӣ

## Адабиёт ва сарчашмаҳо


1. Бадьина Н.П., Афтенко В.Н. Диагностика психологических условий школьной образовательной среды. - Курган, 2004.
2. Баева И.А. Психологическая безопасность в образовании. - СПб, 2002.
3. Лукьянова М.И., Калинина Н.В. Психолого-педагогические показатели деятельности школы. - М., 2004.
4. Основы психологии: Практикум / Ред.-сост. Л.Д. Столяренко. - Ростов н/Д, 2002.
5. Руководство по мониторингу и оценке школьных программ охраны здоровья. Бюро ЮНЕСКО. - М., 2014.
6. Талаботи гигиенӣ ба муассисаҳои таълимии умумӣ ва махсус (СанПин 2.4.2 001-15). – Душанбе; 2015.
7. Ясвин В.А. Школьная среда как предмет измерения: экспертиза, проектирование, управление / В.А. Ясвин. — М.: Народное образование, 2019. — 448 с.


**Санадҳои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳти физикии муассиса**


1. Қоидаҳо ва меъёрҳои санитарӣ: «Талаботи гигиенӣ ба **муассисаҳои таълимии умумӣ ва махсус (СанПин 2.4.2 001-15)».** – Душанбе, 2017. 176 саҳифа.
2. Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон (МҚШ ҶТ) 30-01-2018.
3. Меъёру қоидаҳои шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон. МҚШ ҶТ 31-03-2018. Муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе, 2018. 40 саҳифа.
4. МҚШ ҶТ 40-04-2015 «Системаҳои дохилии санитарию техникӣ».
5. СНиП ҶТ 21-01-2018 «Амнияти сӯхтории биноҳо ва иншоотҳо» – талаботи умумӣ оид ба ҳифзи биноҳо ва дигар иншооти сохтмонӣ аз сӯхтор.
6. СНиП ҶТ 23-01-2018, 23-02-2021, 23-03-2017, 41-01-2018 (сарфаи энергия); СНиП ҶТ 30-01-2018, 30-04-2021, 40-02-2021, 40-01-2008 (ҷойгиркунӣ, обхезӣ, тозакунии обҳои боронӣ).
7. Талаботи гигиенӣ ба муассисаҳои умумӣ ва махсус (СанПин 2.4.2001-15). – Душанбе, 2017. 176 саҳифа.